Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

№2 (105)
АПРЕЛ-ИЮН
2024

Бо итминон изҳор менамоям, ки мо ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Эмомалӣ Раҳмон





Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

“Мо ваҳдати миллиро дар баробари истиқлоли давлатӣ як рукни муҳимми давлатдорӣ ва шарти аслии пешрафту шукуфоии Тоҷикистон медонем ва барои тақвият, таҳким, устуворӣ ва такомули минбаъдаи он бо дастгирии мардуми сарбаландамон ҳамаи тадбирҳои заруриро меандешем”.

ДАР ИН ШУМОРА:



3 **ПРЕЗИДЕНТ**

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР КОНФРОНСИ СЕЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ "ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028"



10 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

ТАШРИФИ ДИРЕКТОРИ ИҶРОИЯИ ХБА ХОНУМ КРИСТАЛИНА ГИОРГИЕВА БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



13 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

БАРРАСИИ МАСОИЛИ ҲАМКОРӢ БО РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



28 **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**

ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ "ОИД БА ҲАМКОРӢ ДАР ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЗАНОНИ СОҲИБКОР ДАР ТОҶИКИСТОН"

15 **РӮЙДОДИ МУҲИМ**

БОЗДИД АЗ ИНШООТИ АЗИМИ АСР - НЕРӮГОҲИ ОБИИ БАРҚИИ "РОҒУН", САФАРИ КРИСТАЛИНА ГИОРГИЕВА БА ИНШООТИ СТРАТЕГӢ

ДАР ИН ШУМОРА:

35 **ИҚТИБОСҲО**
АЗ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОН, НАМОЯНДАГОНИ ҶОМЕА ВА ХОДИМОНИ ДИНИ МАМЛАКАТ



42 **ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ БОНУВОН**
НИЗОМИ БОНКӢ СОҲИБКОРИИ БОНУВОНРО ДАСТГИРӢ МЕНАМОЯД



46 **ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ДАВЛАТӢ ДАР БМТ**
ВАҲДАТИ МИЛЛӢ- ТАҶАССУМГАРИ ИТТИҲОДУ ҲАМБАСТАГИИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН

29 **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**
БАРРАСИИ ҲАМКОРИҲОИ БМТ БО БУНЁДИ “РОҲИ АБРЕШИМ”



31 **РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**
СИЛСИЛАДАРСҲОИ МАҲОРАТ ОИД БА РУШДИ ИҚТИСОДИ “САБЗ”

Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ
Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (105) АПРЕЛ-ИЮН, 2024

тел: +992 (44) 600- 32- 49
факс: +992 (44) 600- 32- 49

НИШОНИИ МАҶАЛЛА:
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj

РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф. Толибзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
Т. Ҳақназаров, М. Ҳасанова

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 600 нусха.
Дар матбааи ҶДММ “Орбита” чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Чехов, 1/1 17.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” иштирок ва суханронӣ намуданд

11 июни соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст Роҳбари Олии мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайатҳои расмии давлатҳои меҳмон ва ташкилоту созмонҳои байналмилалии бонуфузро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба кори конфронс барор орзу намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон суханронӣ намуда, барои муттаҳид шудани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин мавзуи умдатан муҳим даъват ба амал оварданд. Пешвои муаззами тоҷикон чунин суханронӣ карданд:

- Олиҷанобон,
- Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо,
- Хонумҳо ва ҷанобон!

- Ҳамаи шуморо ба Тоҷикистон барои иштирок дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” хайрамақдам мегӯям!

Боиси қаноатмандист, ки ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон, бахусус дар доираи “Раванди оби Душанбе” дар давоми ду даҳсола кишварҳои аъзои Созмони Милал ва ниҳодҳои он, сохторҳои



Моҳи марти соли 2023 ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди баргузории Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба об бо ҳамраисии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд гардид, ки он дар рӯзномаи ҷаҳонии об саҳифаи навро боз кард.

байналмилаливу минтақавӣ ва молиявӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро ҷиҳати муҳокимаи мушкилоти глобалии об ва дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли он муттаҳид месозанд.

Моҳи марти соли 2023 ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди баргузории Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба об бо ҳамраисии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд гардид, ки он дар рӯзномаи ҷаҳонии об саҳифаи навро боз кард.

Конфронси мазкур барои дарки моҳият ва муҳиммияти об дар рушди устувор ва зарурати амалҳои муассиру таъхирнопазир дар ин соҳаи ҳаётан муҳим таҳаввулоти ҷиддиро ба бор оварда.

Яъне, мо ҳама якҷо тавонистем, ки обро дар меҳвари гуфтушунидҳои глобалӣ оид ба рушд қарор дода, ҷомеаи ҷаҳониро атрофи ин мавзӯи бағоят муҳим муттаҳид созем.

Вале хотирнишон бояд кард, ки амалу иқдомҳои имрӯзаи мо барои расидан ба ҳадафҳои дар ин самт муайянгардида ҳоло ҳам кофӣ нестанд, зеро хавфу таҳдидҳои муосир нисбатан босуръат ва пуртаъсир гардидаанд.

Тайи панҷ соли охир мо пайваста шоҳиди солу моҳҳои гармтарин дар сайёра дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидаем.

Тибқи гузориши коршиносон, соли 2023 низ ҳамчун соли гармтарин сабт шудааст.

Эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки ин ниҳояти кор нест ва дар чанд соли оянда мо боз шоҳиди дигар рақамҳои рекордӣ хоҳем шуд.

Қобили зикр аст, ки ҳиссаи ҳодисаҳои фавқулодаи марбут ба об дар шумораи умумии офатҳои табиӣ ва ҳаҷми хисорот аз онҳо низ сол ба сол рӯ ба афзоиш дорад.

Дар давоми 20 соли охир ин ҳисса аз 80 ба 90 фоиз расида, ҳаҷми зарар бамаротиб зиёд шудааст.



Мисоли возеҳи ин гуфтаҳо селу обхезиҳои соли равон дар минтақаҳои гуногуни олам, аз ҷумла дар Тоҷикистон мебошанд, ки ба иқтисоди кишварҳо садҳо миллион доллар зарари молиявӣ расониданд.

Агар чанд сол пеш мо дар бораи чор баробар зиёд кардани талошҳо барои ноил гардидан ба Ҳадафи 6-уми рушди устувор сухан меронем, имрӯз, тибқи иттилои ниҳоди "Созмони Милал – Захираҳои об" мо амалҳои худро бояд шаш баробар зиёд намоем, то ба ин ҳадаф бирасем.

Дар ин замина, моро зарур аст, ки дар баробари иҷрои уҳдадориҳои дар доираи Конфронси оби Созмони Милал гирифтаамон, барои амалу иқдомҳои наву таъсирбахш кӯшиш кунем.

Маҳз ба ин хотир, мо пайгирии натиҷаҳои Конфронси Ню-Йорк ва гирифтани уҳдадориҳои навро дар меҳвари рӯзномаи Конфронси Душанбе қарор додем.

Зикр бояд кард, ки истифодаи "Раванди оби Душанбе" ба ҳайси платформа барои пайгирии натиҷаҳои Конфронси оби Созмони Милал яке аз уҳдадориҳои мо дар доираи Рӯзномаи амал дар соҳаи об аст ва мо омодагии хешро барои тавсеаи минбаъдаи ин раванд изҳор менамоем.

> Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки дорои захираҳои фаровони оби тоза, аз ҷумла пиряхҳо, кӯлҳо ва дарёҳост, ба мушкилиҳои марбут ба об таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Хонумҳо ва ҷанобон!

Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки дорои захираҳои фаровони оби тоза, аз ҷумла пиряхҳо, кӯлҳо ва дарёҳост, ба мушкилиҳои марбут ба об таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи захираҳои об, истифодаи оқилона ва устувори онҳо яке аз авлавиятҳои сиёсати давлати мо муайян гардидааст.

Пуштибонии ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути 10 қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҷассумгари нақши фаъол ва

калидии кишвари мо дар пешбурди рӯзномаи обу иқлим дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Дар ин радиф, Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, ки барои суръатбахшии амалҳо дар соҳаи об асоси воқеӣ гузоштааст, қобили таъкиди махсус аст.

Фаъолияти кишвари мо дар пешбурди масъалаи об дар рӯзномаи глобалии иқлим нуктаи дигари мавриди таваҷҷуҳ мебошад.

Аз Конфронси 26-уми тарафҳои Конвенсияи Созмони Милал оид ба тағйирёбии иқлим дар Глазго дар соли 2021 ва баъдан дар Шарм-уш-Шайх ва Дубай сар карда, Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии шарик барои тақвияти мавзӯи об дар рӯзномаи иқлим фаъолона талош меварзад.

Бовар дорем, ки дар ин ҷода соли равон дар чаҳорчӯби Саммити навбатии иқлим дар Боку ба натиҷаҳои муассир ноил мегардем.

“Раванди оби Душанбе” ҳамчун майдони муколамаи васеъ ва озоди ҷонибҳои гуногуни манфиатдор барои омодагии ҳамаҷониба ба баргузории Конфронси оби Созмони Милал дар соли 2028 дар Душанбе нақши муҳим хоҳад бозид.

Имкониятҳои ин платформа, ҳамчунин, барои омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милал дар соли 2026 метавонанд истифода шаванд.

Дӯстони арҷманд,

Мо барои ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи милливу минтақавӣ низ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ кардаем.

Аз ҷумла, барои пурра гузаштан ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об мо “Барномаи ислоҳоти соҳаи обро барои солҳои 2016-2025” амалӣ карда истодаем.

Таҳияи “Стратегияи миллии об барои давраи то соли 2040” ва “Барномаи давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2032”, инчунин таъсиси низоми ягонаи иттилоотии соҳаи об аз иқдомҳои муҳимми кишвари мо дар ин самт маҳсуб меёбанд.

Барномаву стратегияҳои мо дар ин самт масъалаҳои вобаста ба беҳбуди маданият ва истифодаи оқилонаву сарфакоронаи об ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави обёриро низ дар бар мегиранд.

Мо талошҳои худро барои гузаштан ба “иқтисоди сабз” дучанд карда истодаем ва захираҳои об дар расидан ба ин ҳадаф нақши калидӣ доранд.

> “Раванди оби Душанбе” ҳамчун майдони муколамаи васеъ ва озоди ҷонибҳои гуногуни манфиатдор барои омодагии ҳамаҷониба ба баргузории Конфронси оби Созмони Милал дар соли 2028 дар Душанбе нақши муҳим хоҳад бозид.

Зиёда аз 98 фоизи неруи барқи Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои гидроэнергетикии кишвар истеҳсол мешавад.

Мо тасмим гирифтаем, ки ин нишондиҳандаро то соли 2032 ба 100 фоиз расонем, яъне тавлиди нерӯи барқро пурра аз ҳисоби захираҳои “энергетикаи сабз” ба роҳ монем.

То соли 2037 ба “кишвари сабз” табдил додани Тоҷикистон нияти дигари мо мебошад.

Дар ин замина, дар баробари истифодаи пурраи нерӯи таҷдидшаванда, мо “Барномаи кабудизоркунии табиати кишварро то соли 2040” қабул намудем, ки тибқи он дар ин давра бояд зиёда аз ду миллиард ниҳол шинонида шавад.

Ҳамзамон бо ин, мо ба ҳамкории фаромарзӣ дар масъалаҳои об таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоем.

Дар робита ба ин, бори дигар омодагии кишвари худро барои минбаъд низ тақвият бахшидани ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва тавассути муколамаи созанда ҳал кардани масъалаҳои мубрами об иброз менамоям.

Ҳозирини гиромӣ,

Ҷаҳони имрӯза зери таъсири буҳронҳои шадид қарор дорад.

Дар баробари таҳдидҳои маъмул, бо шумули

тағйирёбии иқлим, тайи солҳои охир мо, мутаассифона, шоҳиди хавфу хатарҳои нав мегардем, ки таваҷҷуҳи дучанди ҷомеаи ҷаҳониро аз ҷумла ба масъалаҳои мубрами об, тақозо менамоянд.

Таъсири манфии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, дар мадди аввал ба манбаъҳои обҳои нӯшокӣ ва полезӣ, таъкиди возеҳи ин гуфтаҳост.

Мо набояд фаромуш кунем, ки об сарчашмаи ҳаёт аст ва бе он зиндагӣ вуҷуд надорад.

Об - ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зиндаи табиат аст.

Об на танҳо захира барои нӯшидан аст, он барои тавлиди нерӯи барқ, истеҳсоли ғизо, рушди саноат, устувории муҳити зист ва дигар ҷанбаҳои ҳаёт нақши калидӣ дорад.

Дар Ню-Йорк мо вобаста ба нақши муҳимми об дар таъмини саломатӣ, рушди устувор, тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим, рушди ҳамкориҳо ва иқдомҳои минбаъда дар доираи Даҳсолаи “Об барои рушди устувор” 5 муколамаи интерактивии созанда баргузор намуда, дар чорчӯби онҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Ҷиҳати тақвияти ин дастовардҳо ва идомаи муколамаҳои созанда мо барномаи Конфронси Душанберо мутобиқ ба барномаи Конфронси оби соли 2023 таҳия кардем.

Ба ин мақсад аз кишварҳои ҳамраиси муколамаҳои Ню-Йорк даъват намудем, ки дар баррасии мавзӯъҳои дахлдор боз ҳам пешсаф бошанд.

Бо истифода аз фурсат, ба ин ҷонибҳо барои ҳамкорӣ дар пешбурди муколамаҳои Конфронси Душанбе изҳори сипос менамоям.

Ҳамзамон бо ин, ба ҳамаи шарикон, ки дар баргузории ҳамоишҳо ва чорабиниҳои канории Конфронс саҳми муносиб доранд, миннатдории худро баён менамоям.

Дирӯз Шумо шоҳиди Фестивали оби Душанбе шудед.

Мо кӯшиш менамоем, ки ҳар як ҳамоиши об дар Душанбе ба ҷамъомади идона табдил ёбад, чунки об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт сазовори эҳтиёт ва эҳтирому арҷгузории шоиста аст.

Онро бояд оқилона ва сарфакорона истифода барем, қадр намоем ва барои наслҳои оянда ҳифз кунем.

Итминони комил дорам, ки натиҷаҳои Конфронси имрӯза дар ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим саҳми арзандаи худро хоҳанд гузошт.

> Мо кӯшиш менамоем, ки ҳар як ҳамоиши об дар Душанбе ба ҷамъомади идона табдил ёбад, чунки об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт сазовори эҳтиёт ва эҳтирому арҷгузории шоиста аст.

Умед дорем, ки паёмҳои муҳим аз муколамаҳои интерактивӣ, ҳамоишҳо ва чорабиниҳои канории он дар раванди татбиқи уҳдадориҳои Рӯзномаи амали оби Конфронси Ню-Йорк, ҳамчунин, дар қабули уҳдадориҳо ва иқдомоти нав нақши муҳим хоҳанд дошт.

Умуман, аз нигоҳи мо, соли 2024 метавонад соли арҷгузории шоиста ба захираҳои об гардад.

Конфронси Душанбе, Форуми оби Бали, Саммити оянда дар Ню-Йорк, ҳафтаҳои ҷаҳонии об дар Сингапур, Қоҳира, Стокҳолм ҳамчун занҷираи ягона метавонанд дар ин раванд саҳми муносиб гузоранд.

Дар ин зимн, мо интизори он ҳастем, ки мавзӯи об дар рӯзномаи дигар чорабиниҳои ҷаҳонӣ, махсусан конфронсҳои ҷонибҳои Конвенсияи Созмони Милал оид ба тағйирёбии иқлим дар Озарбойҷон ва ҷонибҳои Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ дар Колумбия мавқеи боз ҳам қавӣ касб хоҳад кард.

Ҳамаи ин чорабиниҳо, дар навбати худ, метавонанд барои баргузории муваффақона ва натиҷабахши Конфронсҳои оби Созмони Милал дар солҳои 2026 ва 2028 ва дар маҷмӯъ, барои татбиқи самараноки Даҳсолаи байналмилалии

амал “Об барои рушди устувор” заминаи хуб гузоранд.

Ҳозирини гиромӣ,

Мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба дигар масъалаи рӯзмарра, яъне мушкилоти пиряхҳо, ки яке аз сарчашмаҳои асосии оби тоза мебошанд, ҷалб намоям.

Дар баробари афзоиши бесобиқаи талабот ба об, ки ба зиёдшавии аҳолӣ ва рушди иқтисод вобаста мебошад, обшавии босуръати пиряхҳо ва коҳиши захираҳои онҳо боиси нигаронии амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало мушоҳида мегардад.

Тайи чанд даҳсолаи охир аз 13 ҳазор пиряхи кишвари мо, ки манбаи асосии ташаккул ёфтани то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, як ҳазор адади он пурра об шудааст.

Ҳол он ки Тоҷикистон кишвари саноатӣ набуда, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии партовҳои гулхонаӣ ночиз аст.

Маҳз ба ҳамин хотир, ташаббуси мо оид ба эълон кардани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” дастгирии ҳамаҷониба ёфт ва тибқи қатъномаи дахлдори Маҷмаи Умумӣ, аз соли оянда сар карда 21 март ҳамасола ҳамчун “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” ҷашн гирифта мешавад.

Дар робита ба ин, зикр карданиам, ки Тоҷикистон, яке аз аввалинҳо шуда, ҷиҳати фаъолсозии “Фонди байналмилалии мақсаднок оид ба ҳифзи пиряхҳо”, саҳми молиявии худро гузошт.

Мо аз кишварҳои шарик ва созмонҳои байналмилалӣ даъват ба амал меоварем, ки дар таҳкими имкониятҳои молиявии фонди мазкур саҳмгузор бошанд.

Тибқи қатъномаи зикргардида, Тоҷикистон соли оянда мизбони ҳамоиши аввалини бузурги байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо хоҳад шуд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ҳамаи шуморо барои иштироку саҳмгузорӣ дар он даъват менамоям.

Мехоҳам зикр намоям, ки ба мақсади тақвияти минбаъдаи ин масъалаи муҳим мо якҷо бо шарикони худ тасмим гирифтем, ки лоиҳаи қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милалро оид ба эълони Даҳсолаи илмҳои қутбшиносӣ ва яхшиносӣ пешбарӣ намоем.

Бовар дорам, ки ин иқдоми мо аз ҷониби кишварҳои аъзои созмон дастгирии ҳамаҷониба хоҳад ёфт.

Дар фарҷоми сухан, ба Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, тамоми созмонҳои байналмилалӣ ва молиявӣ, аъзои Кумитаи байналмилалии машваратии “Раванди оби Душанбе” ва ҳамаи шарикони мо барои кумаку дастгириашон дар тадорукот ва баргузории конфронси имрӯза изҳори сипос менамоям.

Ба ҳамаи шумо, муҳтарам иштирокдорони конфронс, комёбиҳо ва будубоши гуворо дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе орзу менамоям!

Дар интиҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои Конфронси имрӯза дар ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим саҳми арзандаи худро хоҳанд гузошт.

Баъди суханронии пурмуҳтавои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор коршиносони сатҳи баланд, роҳбарони ҳайатҳои ҳукуматҳои кишварҳо ва ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Узви Раёсати Босния ва Ҳерсеговина Желка Тсвиянович, Президенти Маҷмаи Умумии СММ Денис Френсис, Ноиби якуми Президенти Зимбабве Чивенга Константино, Ноиби Президенти Ангола Эсперанза Дакошта, Ноиби Президенти Замбия Мутале Налуманго, Мудири Кулли ЮНЕСКО Одри Азулай, Президенти Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ Паула Нарвез Ойеда, Сарвазири Ҷумҳурии Габон Раймон Сима, Президенти Бонки Исломии Рушд Муҳаммад Ал-Ҷассер, Муовини Дабири кулли СММ Ли Ҷунхуа, Котиби давлатии Ватикан, Кардинал Пиетро Паролин ва Директори глобалии Таҷрибаи глобалии оби Бонки Ҷаҳонӣ Сароҷ Кумар Ҷҳа сухан гуфта, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти обу иқлим баҳои баланд доданд.



Мо имрӯз бе об наметавонем дар бораи ягон рушд ҳарф бигӯем. Маҳз бо ҳамин сабаб ман имрӯз дар Тоҷикистон қарор дорам. Тоҷикистон давлати пешбар дар масъалаҳои об буда, кишварҳои ҷаҳонро барои ҳалли мушкилоти муҳими ҷаҳонӣ муттаҳид менамояд.

Деннис Фрэнсис,
Президенти Маҷмаи Умумии СММ




Таджикистан может стать нашим главным партнером в глобальных вопросах воды и природоохраны.

Эсперанза Дакошта,
Ноиби Президенти Ангола



Мо аз муроҷиати илҳомбахшашон субҳи имрӯз хеле руҳбаланд шудем. Созмони Милали Муттаҳид ба идомаи ҳамкорӣ бо Тоҷикистон барои ба таври дастҷамъона пеш бурдани рӯзномаи об дар ҷаҳорчӯби Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳавасманд аст.

Ли Ҷунхуа,
Муовини Дабири кулли СММ



Тоҷикистон пешоҳанги ҳалли масъалаҳои обу иқлим буда, дорои иқтидори бузурги рушд аст.

Ирина Костевич,
Раиси комиссияи доимии Палатаи намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Беларус



Мо ба ҷониби Тоҷикистон барои уҳдадориҳо ва ташаббусҳои нек дар соҳаи обу пиряхҳо, аз ҷумла баргузории Конференсияи сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида истодааст, изҳори сипос мегӯем ва аз тамоми давлатҳои аъзо даъват менамоем, ки дар ҳамбастагӣ фаъол бошанд.

Одри Азуле,
Мудири Кулли ЮНЕСКО



Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқдоми худ дар масъалаи ҳамкорӣ дар ҳавзаи об дар ҷаҳон ҷойгоҳи хосса дорад ва эътироф гардидааст. Маҳз бо шарофату ибтикор ва ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон дар айни замон аҳли башар ба масъалаи марбут ба об таваҷҷуҳи бештар равона намудааст.

Хусрав Нозирӣ,
Дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ



Ман хушҳол ҳастам, ки дар конфронси Раванди оби Душанбе иштирок менамоям. Мехостам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Тоҷикистонро барои татбиқи ташаббус оид ба об табрик намоям. Тоҷикистон бо ташаббусҳояш дар самти об дар ҷаҳон пешсаф аст.

Армида Салсия Алишаҳбана,
Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Осиё ва Уқёнуси Ором



Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон қадами устувор дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи муҳити зист мебошанд.

Ойгул Соловёва,
намояндаи Ассотсиатсияи созмонҳои экологии Қазоқистон

Манбаъ: www.khovar.tj

International Monetary Fund



Мо саҳми Хазинаи байналмилалии асъорро дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишварамон қадр менамоем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Ташрифи Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор хонум Кристалина Георгиева ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

16-18 майи соли 2024 Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) хонум Кристалина Георгиева ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда. Зимни сафари расмӣ Директори иҷроияи ХБА-ро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳузур пазируфта, масоили ҳамкориро дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт, ки барои Тоҷикистон афзалият доранд, мавриди муҳокима қарор доданд. Дар рафти ташрифи худ хонум Кристалина Гиоргиева бо бонувони фаъоли кишвар вохӯрӣ карда, инчунин аз иншооти бузурги аср – НБО “Роғун” дидан намуд.



МУЛОҚОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

16 майи соли 2024 Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор хонум Кристалина Гиоргиеваро дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳузур пазируфтанд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили ҳамкории Тоҷикистону Хазинаи Байналмилалии Асъорро мавриди баррасӣ қарор доданд.

“Мо саҳми Хазинаи Байналмилалии Асъорро дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишварамон қадр менамоем”, - таъкид доштанд дар мулоқот Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо оид ба ҳамкорӣ дар самтҳои пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ, дастгирии тавозуни пардохт, таъмини устувории захираҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум табодули андеша карданд.

Роҳҳои тобовар намудани иқтисоди Тоҷикистон ба таъсири манфии омилҳои беруна, аз ҷумла шиддати хавфҳои геосиёсӣ, нооромиҳои минтақавӣ ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим аз мавзуъҳои муҳимми баррасӣ қарор дода шуд.

Барои устувории рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳбуди фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон идомаи ислоҳоти иқтисодӣ ва за-

рурати ҷалби маблағҳои грантӣ муҳим ва саривақтӣ шумурда шуд.

Ҷонибҳо ҳамчунин оид ба густариши ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, энергетика ва тақвияти неруи инсонӣ ибрози назар карданд.

Бояд қайд кард, ки дар мулоқоти мазкур инчунин муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода,





вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ширкат доштанд.

Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор хонум Кристалина Георгиева пас аз мулоқот барои гурӯҳи хабарнигорони дохилию хориҷӣ нишасти хабарӣ орост.

Қабл аз ҳама, ӯ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик барои пазирой ва меҳмоннавозии самимӣ арзи сипос намуд.

Хонум Кристалина Гиоргиева иттилоъ дод, ки дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории самарабахши Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Тоҷикистон баррасӣ гардиданд.

“Дар мулоқот Барномаи нави Хазинаи Байналмилалии Асъор барои Тоҷикистонро муҳокима кардем, ки ба самти дастгирии идомаи ислоҳот дар кишвар, беҳдошти фазои маблағгузорӣ, ҷалби сармоягузорон, истифодаи маблағҳои буҷетӣ баҳри рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст”, - изҳор намуд Кристалина Гиоргиева.

Дар идома Кристалина Георгиева тазаккур дод, ки ин барномаи зарурӣ дар ҳолате амалӣ мегардад, ки Тоҷикистон сохтмони яке аз лоиҳаҳои на танҳо барои кишвар, балки барои минтақа муҳим — НБО “Роғун”-ро идома дода истодааст. Ин иншоот манбаи тавлиди “энергияи сабз” барои рушди тиҷорати Тоҷикистон ва мардум мегардад.

Зимни баррасии тавсеа бахшидани ҳамкориҳо масъалаи муҳим мавриди назар қарор гирифт: “Бояд гуям, ки Хазинаи Байналмилалии Асъор ба аъзои худ захираҳои молиявиро тавассути механизми маблағгузории имтиёзноки иқлимии “Воситаи рушди устувор” (Resilience and Sustainability Facility (RSF)) ба муддати 20 сол бо муҳлати 10 соли имтиёзнок пешкаш мекунад. 18 кишвар аз ин имконият истифода мебаранд ва мо итминон дорем, ки ҳар чӣ зудтар Тоҷикистонро ҳам ба ин пайванд созем”.

Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор ҳамчунин аз пешрафти назарраси Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои баланди иқтисодии кишвар истиқбол кард. “Аз ҳама муҳим мардуми тоҷик муттаҳид ҳастанд ва барои пешрафти Тоҷикистон талош доранд”, -таъкид дошт ӯ.



БАРРАСИИ МАСОИЛИ ҲАМКОРӢ БО РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Худи ҳамон рӯз, 16 майи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор хонум Кристалина Георгиева мулоқот намуданд.

Зимни мулоқот муҳтарам Рустами Эмомалӣ кумаку дастгириҳои ин ниҳоди бонуфузи байналмилалиро дар амалисозии барномаҳои мухталиф доир ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии мамлакат, бахусус дар давраи пандемияи коронавирус муҳим арзёбӣ намуданд.

Иброз гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкиму тавсеаи ҳамкориро бо Хазинаи Байналмилалии Асъор барои амалисозии минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ ва тараққиёти бомароми мамлакат зарур мешуморад.

Зимни мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ мавзуи мусоидат ба таъмини суботи молиявӣ, таҳкими низоми бонкӣ, дастгирии лоиҳаҳои ба ташаккули иқтисоди “сабз”, густа-

риши рақамикунонӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва обу иқлим равонашуда дониста шуданд.

Дар доираи сафари расмии худ Директори иҷроияи ХБА хонум Кристалина Георгиева инчунин бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, бо муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода мулоқот анҷом дода, вобаста ба масоили ҳамкорӣ дар самтҳои барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятнок, махсусан иқтисоди сабз таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

ТАВАҶҶУҲ БА БОНУВОНИ ФАЪОЛИ ТОҶИК: ДИРЕКТОРИ ИҶРОИЯИ ХБА ХОНУМ КРИСТАЛИНА ГЕОРГИЕВА БО ГУРӮҲИ БОНУВОНИ ФАЪОЛ, КИ ОНРО МУОВИНИ САРВАЗИРИ МАМЛАКАТ ДИЛРАБО МАНСУРӢ РОҲБАЛАДӢ МЕКАРД, МУЛОҚОТ НАМУД

Директори иҷроияи ХБА хонум Кристалина Георгиева дар доираи сафари расмии худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо бонувони фаъоли тоҷик, ки дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ фаъолият доранд, вохӯрӣ ва суҳбати озод анҷом дод.

Мулоқоти бонувон бо роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ доир гашта, дар он муовини раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Хайриниссо Юсуфӣ, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Гулнора Ҳасанзода, муовини якуми вазири адлия Нигина Ализода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода ва дигар бонувони пешсафи кишвар ширкат



варзиданд.

Дар мулоқот таваҷҷуҳи махсус ба муҳиммият ва мақсадҳои асосии баробарии гендерӣ равона гардида, масъалаи таъмини он дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардид. Бонувон масъалаи таъмини баробарии гендерӣ дар оила, дар бозори меҳнат, таъсири баробарии гендерӣ ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодиро мавриди суҳбати озод қарор доданд. Зимни мулоқот инчунин дигар андешаҳои ҷолибу созандаи бонувони фаъол вобаста ба рушду нумуи кишвар баррасӣ гардид.





БОЗДИД АЗ ИНШООТИ АЗИМИ АСР - НЕРӮГОҲИ ОБИИ БАРҚИИ “РОҒУН”, САФАРИ КРИСТАЛИНА ГИОРГИЕВА БА ИНШООТИ СТРАТЕГӢ

17 майи соли 2024, директори иҷроияи ХБА хонум Кристалина Гиоргиева бо ҳамроҳии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони як қатор ниҳодҳои иқтисодӣ аз иншооти стратегии кишвар - Нерӯгоҳи обии барқии “Роғун” дидан карданд.

Кристалина Георгиева ва ҳамроҳонаш бо ҷараёни корҳо дар иншооти Неругоҳ, аз ҷумла қалби (Ядрои) сарбанди баландтарини иншооти энергетикӣ дар ҷаҳон, ки баландиаш 335 метрро ташкил мекунад, шинос шуданд.

Зимни боздиди меҳмонон дар сохтмони сарбанд корҳои сохтмонӣ, мустаҳкамсозӣ ва сементрезӣ роҳандозӣ мегардид. Дидани ин мавзеи сохтмони иншоот, аз дидбонгоҳи болоии Неругоҳ, ки дар баландии 1300 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад, хеле мароқовару шавқангез буд. Ба меҳмонон имкон фароҳам омад аз таҷҳизоти нодиру муосире, ки дар бинои КРУЭ (маҷмӯи дастгоҳи тақсимоти элегазӣ) васлу насб шудааст ва барқи истеҳсолшудаи неругоҳро ба системаи энергетикии кишвар тавассути хатҳои интиқоли барқ тақсим мекунад, аз наздик дидан намоянд.

Ҳангоми боздид аз толори мошинҳо кори ду агрегати нахустин, ки зери фишори пасти обанбор бо иқтидори минималӣ барқ истеҳсол мекунанд ва корҳои бомароми омодагӣ ба васли агрегатҳои навбатии неругоҳ мавриди таваҷҷуҳи зиёди меҳмони олиқадр ва гурӯҳи ҳамкоронаш қарор гирифт.



Роғун умеду орзуи тоҷикон, Роғун манбаи “неруи сабз”

Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор хонум Кристалина Георгиева баъди боздид аз ин иншооти бузург, ки аз азму иродаи қавӣ ва қаҳрамонии Пешвои муаззами тоҷикон дарак медиҳад, ба ваҷд омада, таассуроти амиқи худро аз рафти бунёди Роғун чунин баён дошт: **“Роғун умеду орзуи тоҷикон ба неруи барқи доимӣ, ба рушди устувори иқтисоди кишвар ва умеду орзуи ҳамсоягони Тоҷикистон ба неруи барқи арзон мебошад. Роғун ҳамчунин манбаи “неруи сабз” аст ва аз ин рӯ, мо аз ин иншооти бузург ҳамаҷониба пуштибонӣ хоҳем кард”.**

Директори иҷроияи ХБА иброз дошт, ки барояш бозидиди яке аз муҳимтарин лоиҳаҳои энергияи “сабз” на танҳо дар Тоҷикистон ва минтақа, балки дар тамоми ҷаҳон бисёр таъсирбахш аст.

“Ман ҳамчун намояндаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мехоҳам эҳтироми худро нисбат ба корҳое, ки шумо дар ин ҷо анҷом медиҳед, изҳор намоям”. Хонум Кристалина Гиоргиева махсусан аз нафароне, ки дар бунёди ин иншооти азим кору фаъолият мекунанд, ба ҳайси қаҳрамонони Ватани худ номовар шуд.

Дар идома ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат барои талошу меҳнати пайваста ҷиҳати бунёди НБО “Роғун” изҳори эҳтиром намуд.

Ӯ орзу намуд, ки ормони тоҷикон оид ба пурра ба кор даромадани НБО “Роғун” ҳарчӣ зудтар амалӣ гардад”.

“Мо барои амалигардонии орзуҳои миллати тоҷик тамоми талошҳоямонро ба харҷ медиҳем”, — гуфт дар охир Директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор Кристалина Георгиева.

> Мо барои амалигардонии орзуҳои миллати тоҷик тамоми талошҳоямонро ба харҷ медиҳем

Директори иҷроияи ХБА Кристалина Георгиева аз бардошти сафари серӯзаи худ ба Тоҷикистон бо суханони ниҳоят гарму самимӣ ҷамъбаст намуд: **“Ман нисбат ба мардуми тоҷик эҳтироми зиёд пайдо кардам. Комёбиҳои назаррасро бароямон орзу менамоям. Душанбе шаҳри ниҳоят зебо ва сарсабз аст, ба ман бисёр писанд омад. Чунин ба назар мерасад, ки ин макон барои зиндагии хуш ва руҳбаландии одамон бунёд шудааст. Бори дигар ба мардуми тоҷик барои пазироию меҳмоннавозии гарму самимӣ изҳори сипос менамоям!”**

М.Ҳасанова

The International Monetary Fund is able to support Tajikistan in the reform process

The support of the President of Tajikistan, a very stable economy, the Rogun Hydroelectric Power Station and the unity of the people impressed the Managing Director of the International Monetary Fund Kristalina Georgieva



Interview with the Managing Director of the International Monetary Fund Kristalina Georgieva

From May 16 to 18, the Managing Director of the International Monetary Fund Kristalina Georgieva paid an official visit to the Republic of Tajikistan. During the visit, high-level meetings were held with the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, with the Chairman of the Majlisi Mili Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, the Chairman of the city of Dushanbe Rustami Emomali. During the official visit, Kristalina Georgieva visited the Rogun hydroelectric power station, where she got acquainted with the progress of construction work at a major strategic facility in Tajikistan, and also held a meeting with women activists and media representatives.

▼ Recently you made an official visit to the Republic of Tajikistan.

How do you assess the significance of your visit to the Republic of Tajikistan, what are your impressions of socio-economic development and our country in general?

— I would like to thank the country's leadership for the opportunity to communicate with the Tajik people. First of all, I am grateful to the President of the Republic of Tajikistan, the Government and all those with whom we meet here for the warm welcome. Our team's visit is very timely. Why? Because we have just adopted a new program to support reforms in Tajikistan to increase its attractiveness for investors, improve the business climate and create space for fiscal spending aimed at social needs and support for the population.

It was extremely interesting for me to talk to the President. He is a deeply thinking person.





It was extremely interesting for me to talk to the President. He is a deeply thinking person. Our conversation touched on two topics. Firstly, the program, the implementation of which will help Tajikistan develop the economy faster and attract foreign investors. The second topic is related to the fact that Tajikistan is currently ready to accelerate work on very important projects, such as the Rogun hydroelectric power station.

Our conversation touched on two topics. Firstly, the program, the implementation of which will help Tajikistan develop the economy faster and attract foreign investors. The second topic is related to the fact that Tajikistan is currently ready to accelerate work on very important projects, such as the Rogun hydroelectric power station. This program is especially necessary now, when Tajikistan is promoting the construction of the Rogun HPP, one of the most important projects not only for the country but also for the region. The Rogun HPP will be a source of "green" energy for businesses and the population of the country. And since our program is focused on supporting reforms, more transparent work of the Government, so that the people know where the money comes from and how it is spent, this will



increase investor confidence and help to catalyze the financing of this project.

▼ The visit of the Managing Director of the International Monetary Fund to Tajikistan is serious evidence of the current dynamics of cooperation. What will be the focus at the new stage of partnership?

— We have very good relations. They are built on mutual trust. Our team works seriously to determine where places and reforms can help develop the economy.

It seems to me that there is a very strong interest on the part of the Government in the fact that the fundamental changes that are happening here have been made from the point of view of the people of the country. I met with women from the Government and the private sector. Judging by what they told me, the country is changing for the better. We, women, have great opportunities to participate in economic life, the Government and the President support these changes. Everything I see makes me very happy. Tajikistan today looks much more attractive than when I was here the first time – in the mid-90s. Back then, when I was in Tajikistan the first time, it was not as good as it is now, it was a hard time, Dushanbe did not look like it does today. I am happy about these changes and that the International Monetary Fund is able to support the country in the process of reforms that support the private sector so that jobs can be created.

> We have very positive impressions of Tajikistan. Economic indicators are excellent. Economic growth is more than 8%. Inflation is one of the lowest, around 3%. Debt has dropped to about 30% of gross domestic product (GDP). Most importantly, there is a vision and unification of the people of Tajikistan in order to realize all these aspirations.

▼ What do you think about the current development of Tajikistan, including economic reforms, and how effective do you see them, both in terms of modernizing the country itself and promoting inclusive private growth?

— Tajikistan's economy has proven to be very resilient. As we know, there was a pandemic, a war. All this worsened the state of the world economy. We have very positive impressions of Tajikistan. Economic indicators are excellent. Economic growth is more than 8%. Inflation is one of





the lowest, around 3%. Debt has dropped to about 30% of gross domestic product (GDP). Most importantly, there is a vision and unification of the people of Tajikistan in order to realize all these aspirations. Economic indicators give us an opportunity to decide, the economy is developing in the right direction, we are very pleased.

▼ Does the IMF plan to revise its assessments so that Tajikistan can attract the attention of financial institutions for financing?

— The new reform program, which is associated with interaction in the field of economic policy, is extremely useful for Tajikistan. Within the framework of this program, we will study the country's economy for 22 months and provide our assessment to everyone, including the Asian Development Bank, the World Bank.

When there are good results in the field of economic policy, this is a signal for those who can finance Tajikistan. And in this regard, my visit is very timely.

We are starting to implement this program together with the government with a great desire to achieve high results that would help Tajikistan attract the necessary investment financing.

▼ You are one of the influential women in the world, have visited many countries. While in Tajikistan, what can you say about the Tajik people?

— The talent of the Tajiks is impressive, they have the opportunity to work in their homeland. I have great respect for the Tajik people. I want to wish everyone all the best. Dushanbe is a very beautiful and green city. It feels like this is a place not only for a good life, but also for inspiring people. Thank you to the Tajik people for giving us the opportunity to visit the country. The IMF will help support Tajikistan's green future and study the country's economy to show its investment attractiveness.

M. Hasanova,
Editor-in-chief of the magazine



SPRING
MEETINGS

Тоҷикистон дар ҷалсаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ

Рӯзҳои 15-20 апрели соли 2024 дар шаҳри Вашингтони Иёлоти Муттаҳидаи Америко ҷалсаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ баргузор шуданд, ки фарогири машварату музокирот атрофи масоили муҳимми иқтисодӣ, аз қабили таҳаввулот ва дурнамои иқтисоди ҷаҳонӣ, пешбурди самараноки сиёсати пулию қарзӣ, ислоҳоти сохторӣ, тадбирҳо барои таъмини суботи молиявӣ ва усутувории иқтисодӣ буданд.

Дар ҷалсаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Амирзода Пайрав ширкат доштанд.

15 апрели соли 2024 дар ҳошияи ҳамоиши баҳорӣ ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким бо Директори идории Хазинаи Байналмилалии Асъор Кристалина Георгиева мулоқоти корӣ анҷом доданд. Дар мулоқот ҷонибҳо татбиқи Барномаи воситаи ҳамоҳангсозии сиёсат (PCI) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи феврали соли 2024 аз ҷониби ХБА тасдиқ шуд,



мавриди баррасӣ қарор доданд. Инчунин дар вохурӣ вобаста ба воситаҳои қарздиҳии ХБА, зарурати афзоиши иқтидори мутахассисон ва таҳкими захираи кадрӣ тавассути барномаҳои таълимӣ мутобиқшуда ва дигар масъалаҳои дахлдор табодули андеша намуданд.

Дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ 16 апрели соли 2024 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Директори идории Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) Маҳтар Диоп ва ноиби Президенти минтақавии IFC хонум Ҳела Шейхрухоу мулоқот анҷом доданд. Зимни мулоқот ҷонибҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории тарафайнро дар самтҳои муҳим, аз ҷумла қарздиҳии мустақим ва сармоягузорӣ ба бахши хусусӣ, рушди хизматрасонии молиявии рақамӣ, маблағгузории иқтисоди сабз ва андешидани





тадбирҳо дар коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ҷалби кумакҳои техникӣ барои тақвият додани идоракунии корпоративӣ дар бахши бонкӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар ин бахшро мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо ҳайати Департаменти омори Хазинаи Байналмилалии Асъор,



Байналмилалии Асъор ҷаноби Бо Лӣ 17 апрели соли ҷорӣ ҷонибҳо аз ҳамкории пурсамари тарафайн ва дастгириҳои доимӣ дар амалӣ намудани ислоҳот, ба тозагӣ тасдиқ шудани Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrument) истиқбол намуда, дурнамои ҳамкориро дар самти муқовимат ба шокҳои беруна ва омодагӣ ба тағйирёбии иқлим баррасӣ намуданд.

ки 16 апрели соли ҷорӣ дар ҳошияи ин ҷаласаҳо баргузор шуд, масоили ҷамъоварӣ, таҳия ва таҳлили маълумоти оморӣ, усулҳои муосири моделсозӣ ва таҳияи омор мавриди муҳокима қарор дода шуд. Изҳори итминон карда шуд, ки масъалаи мазкур дар дурнамои пешниҳоди кумаки техникӣ мавриди назар қарор хоҳад гирифт.

Зимни мулоқоти ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини директори Хазинаи





Дар мулоқоти ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноиби Президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани, ки 17 апрел дар доираи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ доир гашт, масоили ҳамкории дуҷониба ва рушди муносибатҳо дар самти ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар тавассути лоиҳаҳои Бонки Ҷаҳонӣ, масъалаи энергетика, зиёд кардани



захираҳои молиявӣ табодули андеша карда шуд.

Худи ҳамон рӯз раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар ҳошияи ин ҳамоиш бо раиси Бонки миллии Швейтсария ҷаноби Томас Йордан мулоқот анҷом дод. Зимни мулоқот ҷонибҳо аз тақвият ёфтани ҳамкориҳо изҳори қаноатмандӣ карда, барои боз ҳам тавсеа бахшидан ба онҳо, аз ҷумла дар самти устувории низоми бонкӣ аз ҳайати Тоҷикистон даъват ба амал оварда шуд.

Дар доираи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ 17 апрели соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар машварати нисфирӯзии мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ширкат варзид, ки зимни он ҳозирин аз вазъи сиёсати монетарии минтақа машварат анҷом доданд. Дар машварати мудирони ХБА бештар ба масъалаҳои тағирёбии иқлим ва маблағгузорӣ барои мубориза ба оқибатҳои он, омодагии бахши молиявию бонкӣ ба иқтисоди сабз, таҳия ва қабули стратегияҳои ба коҳиш додани хатарҳои тағйирёбии иқлим равонашуда, таъмини устувории молиявӣ, саҳми бахшҳои молиявӣ ва рушди бозори дохилии сармоя таваҷҷуҳ карда шуд.



Дар баробари ҷаласаҳои баҳорӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс дар ҳайати расмии кишвар 18 апрели соли 2024 дар маҷлиси машваратии кишварҳои узви электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ширкат намуд.

Намояндагони кишварҳои электорат масъалаҳои барои иқтисодиёти ҷаҳон хеле ҷиддӣ, аз қабили ноустувории молиявӣ дар ҷаҳон, таъмини суботи иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ бо назардошти хатарҳои геополитикӣ, беҳтар кардани дурнамои миёнамуҳлати рушд, таъсири номуайянӣ ва хатарҳо дар пасманзари муноқишаҳои давомдор ва дигар масоили муҳимми аҳаммияти ҷаҳониро маркази муҳокимаи машварат қарор доданд. Зикр карда шуд, ки муколамаи бисёрҷониба ва омӯзиши таҷрибаи шарикии кишварҳои электорат манфиатҳои кишварҳои аъзоро ҳимоя намуда, ба қабули фаврии қарорҳои муҳим барои кишварҳои аъзои Гурӯҳ мусоидат менамояд.

Роҳбари ҳайати расмӣ-муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Холиқзода Ҳоким зимни машварат таъкид ба он дошт, ки баргузории ҷаласаи навбатии Гурӯҳи электорати ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ аз 1 то 3 июли соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст.



18 апрели соли ҷорӣ дар доираи ҳамоиши баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо як қатор директорони ХБА мулоқоти рӯ ба рӯ анҷом дод. Зимни мулоқоти Толибзода Ф.Н. бо директори Департаменти кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказии ХБА ҷаноби Ҷиҳод Азур ва роҳбари ҳайати ХБА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Метю Гартнер аз татбиқи Барномаи ба тозагӣ аз ҷониби ХБА тасдиқшуда (Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат), ки кӯмаки техникӣ ва машваратиро фаро гирифта, ба рушди иқтидори инсонӣ ва имконоти маблағгузории дарозмуддат барои таҳкими муқовимат ба шокҳои беруна ва тағйирёбии иқлим равона шудааст, баррасӣ гардид.

Ҳамзамон, дар доираи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ имкон фароҳам оварда шуд, ки раиси Бонки миллии Тоҷикистон



Толибзода Фирдавс рӯзҳои 16-20 апрел бо намояндагони бархе аз ширкатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла намояндагони ширкати байналмилалии “Alvarez & Marsal Middle East”, ширкати рейтингии байналмилалии “Moody’s Investors Service”, ширкати “De La Rue” ва Бонки федералии захиравии Ню-Йорк мулоқот анҷом дода, дурнамои ҳамкориҳои судмандро баррасӣ намояд.

Инчунин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар мизи мудаввар ва муколамаҳои Иттиҳод оид ба дастрасии молиявӣ (AFI) вобаста ба маблағгузории “сабз” (PPD), пешбурди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (DFS) ва инфрасохтори фарогири рақамӣ иштирок намуд. Дар мизи мудаввар иштирокдорон масъалаҳои маблағгузории фарогири сабз, инноватсия дар инфрасохтори рақамӣ, ҳамкории бахши хусусӣ бо мақомоти давлатӣ, амнияти иттилоотӣ дар миқёси хизматрасониҳои инфрасохтори рақамӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амсоли инҳо ибрози назар намуданд.

Рӯзҳои 22-23 апрели соли 2024 дар доираи ҳамоишҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии

Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар Форуми баландпоя оид ба идоракунии дороиҳо ва захираҳо ширкат варзид.

Форуми мазкур дар доираи Барномаи шарикии машваратӣ оид ба идоракунии захираҳои байналмилалии Бонки Ҷаҳонӣ (RAMP) доир гардида, дар кори он роҳбарони аввали бонкҳои марказӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, фондҳо ва агентиҳои байналмилалӣ иштирок доштанд. Зимни ҳамоиши мазкур иштирокдорон дурнамои макроиқтисодиро бо назардошти номуайяниҳо дар бозори молиявӣ, идоракунии дороиҳои давлатӣ, сармоягузориҳои устувор, интегратсияи иқлим ва табиат, нақши бонкҳои марказӣ дар идоракунии дороиҳо ва мушкилоти амалиётӣ барои таъсиси чаҳорчӯбаи сармоягузорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Ҳамзамон ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо президенти Бонки сармоягузории Аврупо хонум Надя Калвино ва директори Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои





бахши амалиётӣ хонум Анна Бйерде мулоқот анҷом дода, масоили барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим – амнияти энергетикӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, махсусан "Нерӯгоҳи барқи обии Роғун" ва "CASA-1000"-ро мавриди таваҷҷуҳ ва муҳокима қарор доданд.

Бояд қайд кард, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳ.Ҳ роҳбарӣ ва ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Н.Ҳ., вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Ф.С., раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Ф.Н., намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Амирзода П.Ҳ. ва директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон Бояков З.Ғ. намояндагӣ намуданд.

М. Ҳасанова


ИТТИЛООТ • НАВИД • РЎЙДОД
АХБОРИ БОНКЙ
ИТТИЛООТ • НАВИД • РЎЙДОД
ИТТИЛООТ • НАВИД • РЎЙДОД

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД



Ёддошти тафоҳум “Оид ба ҳамкорӣ дар татбиқи барномаи маблағгузории занони соҳибкор дар Тоҷикистон”

29 апрели соли 2024 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо президенти Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд (БАТР) хонум Одил Рено-Бассо, мудири иҷроияи БАТР оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хонум Жужанна Харгитай ва ҳайати ҳамроҳикунандаи онҳо мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо вобаста ба вазъи кунунии геосиёсӣ, таъсири он ба иқтисодиёти кишвар, муҳиммияти ҷалби кумакҳои БАТР ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин афзоиши ҳамкориҳои судманд дар бахши низоми бонкӣ табодули андеша намуданд.

Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд ба мувофиқа расиданд, ки дар самти дастгирии соҳибкории занон ва мусоидат ба тиҷорати байналмилалии онҳо ҳамкориро тавсеа диҳанд.

Дар доираи мулоқоти зикргардида, байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд Ёддошти тафоҳум “Оид ба ҳамкорӣ дар татбиқи барномаи маблағгузории занони соҳибкор дар Тоҷикистон” (Women Entrepreneurs Finance Code) ба имзо расид.

Тибқи ёддошти тафоҳум ҷонибҳо ҷиҳати ҷалб намудани шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва беҳтар намудани таҳлилу истифодаи маълумоти марбут ба фарогирии молиявии корхонаҳои таҳти роҳбарии занон кӯшиш хоҳанд намуд. Ин тасмим дар коҳиш додани касри маблағгузорӣ барои занони соҳибкор ва пешниҳоди ҳалли инноватсионӣ ҷиҳати сафарбар кардани сармояи зарурӣ барои рушди онҳо кӯмак хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки дар вохӯрии мазкур намояндагони ҶСП Бонки “Арванд” ва ҶСП ТАҚҲ “Ҳумо” низ ҳузур доштанд. Дар ҳошияи Ёддошти тафоҳум байни Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд ва ҶСП Бонки “Арванд” тибқи Барномаи “Women in business” созишномаи қарзӣ ба маблағи 5 миллион доллари ИМА ба имзо расида, дар доираи Барномаи мусоидат ба рушди сав-



дои БАТР (TFP) бо ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” созишномаи бонкӣ ба маблағи 1 миллион доллари ИМА баста шуд.

омада, ҳамкорӣ дар доираи ин ташаббус сол аз сол рушд меёбад.

Дар робита ба ин, даъват намешавад.

Директори генералии Бунёди “Роҳи абрешим” дар навбати худ доир ба саҳми сармояи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар иқтисоди Тоҷикистон, имкониятҳои сармоягузории хориҷӣ дар низоми бонкӣ ва самтҳои дигари ҳамкориҳо андешаҳои худро баён дошт.

Дар мулоқот дар баробари шиносоӣ бо вазъи кунунии низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷонибҳо инчунин масъалаи таъсиси платформаи молиявӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Чинро баррасӣ намуда, лоиҳаҳои

Баррасии ҳамкориҳои БМТ бо Бунёди “Роҳи абрешим”





29 май дар вохӯрии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо директори генералии Бунёди “Роҳи абрешим”-и Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Тсай Сиютзюн масоили таъсиси платформаи муштараки сармоягузорӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суҳбат қайд кард, ки таҳким ва рушди муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, Тоҷикистон иштирокчии фаъоли ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ” мебошад ва дар тули солҳо механизми муназзами ҳамкорӣ ва муколама миёни ду кишвар ба вуҷуд

ба амал оварда шуд, ки сармояи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ва ширкатҳои суғуртавӣ афзоиш дода шавад. Қайд гардид, ки дар Тоҷикистон шароити мусоид чиҳати кушодани бонкҳои хориҷӣ ва филалҳои онҳо фароҳам оварда шуда, ягон монеа барои сармоягузорӣ дар бахши бонкӣ ва суғурта дида

афзалиятнок ва густариши ҳамкориҳоро мавриди муҳокима қарор доданд.

Ҷонибҳо изҳори боварӣ намуданд, ки ба амалӣ шудани ҳадафҳои дар мулоқот баёншуда ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум дар бораи таъсиси “Платформаи муштараки сармоягузории Чину Тоҷикистон” кумак хоҳад намуд.

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД



Вохӯрии Сироҷиддин Икромӣ бо ҳайати Корхонаи сикказании Бонки миллии Қазоқистон

15 майи соли 2024 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом бо ҳайати Корхонаи давлатии сикказании Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон, таҳти роҳбарии директори генералии корхона Транов А.Ю. мулоқот анҷом дод.

Дар доираи вохӯрӣ ҷонибҳо вобаста ба вазъи кунунии муносибатҳо ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд андешаҳои худро баён намуда, омодагии хешро ҷиҳати тақвияти ҳамкории минбаъда иброз доштанд.

Ҳайати меҳмонон дар идомаи мулоқот имкониятҳои



нави технологии Корхонаи давлатии сикказании Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистонро дар шакли рӯнамо муаррифӣ намуда, хизматрасониҳои ҷадиди худро пешниҳод карданд.

Мавриди ба зикр аст, ки Корхонаи давлатии сикказании Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз шарикони боэътимод дар самти сикказании тангаҳо ба шумор рафта, аз ҷумлаи корхонаҳои муосир дар ин самт мебошад.

Ташрифи мудири Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария ба БМТ

14 июни соли 2024 дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо мудири барномаҳои макроиқтисодии Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SECO) ҷаноби Роналд Гиндрат масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба мавзуи суҳбат қарор дода шуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба мудири барномаҳои макроиқтисодии SECO барои ҳамкории дарозмуддат ва самарабахш изҳори миннатдорӣ намуда, иброз дошт, ки шарикӣ бо ин ташкилоти бонуфуз имкон дод, то тайи солҳои охир дар бахши молия ва низоми бонкӣ як қатор ислоҳоти муҳим татбиқ



гардад. Аз ҷумла, дар доираи лоиҳаҳои SECO ба як қатор дастурамалу низомномаҳои бахши назорати бонкӣ, аз қабили идоракунии корпоративӣ, суботи молиявӣ, қарзҳои батаъхирафтода ва дигар воситаҳои танзими бонкӣ тағйирот ворид гардид, ки онҳо натиҷаҳои назаррас нишон доданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо тақвияти ҳамкории тарафайнро бо истифодаи самараноки зарфиятҳои мавҷудбуда зарур шуморида, ҳавасмандии худро дар татбиқи лоиҳаҳои минбаъдаи ислоҳоти бахшҳои бонкӣ бо мақсади таҳкими механизмҳои танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии идоракунии буҳрон дар бахши молиявӣ, таҳияи моделҳои санҷишии макростресс, ҷалби мушовирон барои рушди бозори коғазҳои қиматноки БМТ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба татбиқи модули IFT ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳо



дар доираи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 иброз намуданд.

P.S: *Дафтари ҳамкориҳои иқтисодӣ (SECO) як бахши котиботи давлатии Конфедератсияи Швейтсария оид ба масъалаҳои иқтисодӣ буда, ҳадафи он истифодаи таҷрибаҳои сиёсати иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар доираи лоиҳаҳои SECO бо кишварҳои шарик ва ба ин васила мусоидат дар рушди иқтисодии ин кишварҳо ба ҳисоб меравад.*

Силсиладарсҳои маҳорат оид ба рушди иқтисоди “сабз”

23 апрели соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон барои намояндагони бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон даври нахустини омӯзишии дарсҳои маҳорат (мастер-класс) оид ба хавфҳои иқлимӣ дар як вақт аз рӯи барномаи “Амалияи иқлимӣ ва банақшагирии давраи иқлим” оғоз гардид.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир зимни пазироии иштирокдорони семинар изҳор дошт, ки ҳамгироии бахшҳои иқлимӣ ва экологӣ ба низомҳои молиявӣ як қисми асосии саҳми БМТ дар татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037 ба ҳисоб меравад ва ин масъа-

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД

ла дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” дар назди низоми бонкии кишвар гузошта шуда буд.



Зикр гардид, ки чорабинии мазкур тибқи Ёддошти тафоҳуме, ки миёни БМТ ва БАТР моҳи сентябри соли 2023 ба имзо расид, гузаронида шуда, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ҳамчун шарики боэътимоди Бонки миллии Тоҷикистон на танҳо дар самти ривоҷи иқтисоди сабз, балки дар дигар бахшҳои муҳим, аз қабили рушди устувори экология, сиёсати иҷтимоӣ, идоракунии корпоративӣ ва сармоягузорӣ, рушди соҳибкории занон ҳамкорӣ намуда истодааст.

Дар навбати худ, роҳбари намояндагии БАТР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Холгер Вифел қайд намуд, ки силсиладарсҳои маҳорат барои доираи васеи намояндагони бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Тоҷикистон нахустин кишвари Осиёи Марказӣ мебошад, ки БАТР ин барномаро дар он роҳандозӣ менамояд. Дар доираи барномаи мазкур иштирокдорон метавонанд маълумоту малакаи навро доир ба ошкор ва идора кардани хавфҳои марбут ба иқлим, стратегияи иқлим ва идорасозӣ, таҳияи нишондиҳандаҳою ҳадафҳо, инчунин ифшои иттилоот ба даст оранд.

Маврид ба ёдоварист, ки барнома бо дарназардошти сиёсати БАТР доир ба мутобиқат ба Созишномаи Париж таҳия шуда, ҳадафи он дастгирӣ ва кумак ба мақомоти танзимкунанда ва ниҳодҳои молиявӣ дар самти сабзгардонии бахш ва амалиётҳо мебошад.

Иштирокдорони семинари CCAMTAC ва JVI сертификат гирифтанд

Аз санаи 3 то 7 июни соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон (CCAMTAC) ва Донишкадаи Муттаҳидаи Вена (JVI) семинари омӯзишӣ оид ба таҳлили макроиқтисодӣ/барномасозии молиявӣ ва сиёсат барои мутахассисони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Мавзуи семинар барои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Семинар имкон фароҳам овард, ки иштирокдорон татбиқи воситаҳои барномасозии молиявиро дар раванди таҳлили вазъи кунунии иқтисодиёт, пешгӯии самти рушди он ва муайян намудани тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ аз худ намоянд.

Семинари мазкур аз ҷониби ҳайати лекторон ҷаноби Нурдаулет Абилов, хонум Алия Кистаубоева (таҳлилгарони иқтисодии CCAMTAC) ва хонум Татяна Евдокимова (иқтисодчии калони JVI) дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида шуд.

Ба раванди ташкил ва бар-

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РЎЙДОД



гузории семинари мазкур директори Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон ҷаноби Норберт Функе баҳои баланд дода, ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон миннатдории хешро изҳор намуд.

Сипас ба иштирокдорони семинар аз ҷониби муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ С.С. ва директори Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон ҷаноби Норберт Функе сертификатҳо супурда шуданд.

Қобили тазаккур аст, ки Маркази минтақавии рушди иқтидор барои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон лоиҳаи муштараки Хазинаи Байналмилалии Асъор ба ҳисоб рафта, аз ҷониби нуҳ кишвари узв (Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон), инчунин дигар шарикони рушд ташкил карда шудааст.



Саҳифаи иттилоотӣ бо истифода аз маводи шуъбаи матбуот таҳия шудааст

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОД

Семинари омӯзишӣ дар мавзуи “Дурнамои пардохтпазирии низоми бонкӣ баҳри татбиқи самаранокии сиёсати пулӣ”



Аз 21 то 23 май дар доираи иҷрои Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва барномаи тасдиқшудаи омӯзишӣ барои бозомӯзии кормандони бонкҳои марказии (миллии) аъзои Шурои АвруОсиё барои соли 2024 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон семинари омӯзишӣ дар мавзуи “Дурнамои пардохтпазирии низоми бонкӣ баҳри татбиқи самаранокии сиёсати пулӣ” гузаронида шуд. Дар машғулиятҳои омӯзишӣ намояндагони бонкҳои марказии (миллии) ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Федератсияи Россия ва Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мақсад аз баргузор намудани семинар мубодилаи таҷриба, гирифтани маълумот оид ба пардохтпазирии низоми бонкӣ ва усулҳои дуруст ба роҳ мондани он, инчунин тақвият бахшидани ҳамкориҳои мутақобилаи судманд миёни бонкҳои марказӣ мебошад.

Дар машғулиятҳо аз ҷониби мутахассисони департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, идораи бозори молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони дигар бонкҳои марказӣ тавассути ироаи рӯнамоҳо роҷеъ ба пешбурди сиёсати пулӣ, аз ҷумла сохтори амалиётии сиёсати пулию қарзӣ, механизми дурнамои пардохтпазирии низоми бонкӣ, нишондиҳандаҳои бозори байнибонкӣ, ҳамзамон табодули таҷриба дар равандди гузариш ба ҳадафгирии таваррум барои иштирокдорон маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Инчунин дар кори семинар иштирокдорон вобаста ба мавзуҳои баррасишаванда, аз ҷумла истифодаи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои монетарию макроиқтисодӣ, муҳиммияти механизми дурнамои пардохтпазирии низоми бонкӣ табодули андеша намуданд.

Бояд қайд намуд, ки механизми дурнамои пардохтпазирӣ раванди баҳодиҳии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявиро барои давраи ояндаи наздик (кӯтоҳмуддат) дар бар гирифта, дар асоси он фишангҳои доимоамалкунандаи монетарӣ мавриди истифода қарор дода шуда, ба таъмини муътадилии ҳаҷми пул дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пешгирии омилҳои монетарии тавааррумӣ ва фишорҳои қурбӣ мусоидат менамояд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ, ба ҳамаи иштирокдорон ҷиҳати ширкати фаъолона дар машғулиятҳои омӯзишӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон сертификат супорида шуд.

Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд



Иқтибосҳо аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат

9 марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони фаъоли аҳли ҷомеа, олимон ва ходимони дин мулоқот анҷом доданд.

Зимни мулоқот бо намояндагони фаъоли ҷомеа ва ходимони дин Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз татбиқи қонунҳои марбут ба танзиму анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, таълиму тарбияи фарзанд изҳори назар карда, барои риояи қатъии муқаррароти қонунҳоро аз аҳли ҷомеаи мамлакат даъват ба амал оварданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо аҳли дин ва ҷомеа бори дигар таъкид доштанд, ки мо бояд дар амалӣ намудани арзишҳои миллӣ ва динии худ ҳамеша манфиати мардуми Тоҷикистонро дар афзалият гузошта, ба қадри соҳибистиқлолии давлатамон бирасем ва ин неъмати бебаҳоро ҳамчун гавҳараки чашм нигаҳ дошта, шукргузорӣ кунем. Инҷо иқтибосҳоро аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли дин ва ҷомеа меорем, ки бояд дар фаъолияти ҳамарӯза дар меҳвари андеша ва иҷрои он бошем.

♦ Ба шарофати рӯйдоди бузурги таърихӣ дар ҳаёти халқамон, яъне истиқлолу озодӣ мо ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ муяссар шудем ва мардумамон бо мазҳаби аҷдодӣ, бо пирони хирад ва бузургони илму адаби гузашта ҳамақониба ошно гардиданд.

♦ Истиқлоли давлатӣ ба мо – миллати тамаддунсози тоҷик – имкон фароҳам овард, ки асарҳои бузургони худро бознашр ва ба мардуми кишвар дастрас намоем.

Ба шарофати рӯйдоди бузурги таърихӣ дар ҳаёти халқамон, яъне истиқлолу озодӣ мо ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ муяссар шудем ва мардумамон бо мазҳаби аҳдодӣ, бо пирони хирад ва бузургони илму адаби гузашта ҳамаҷониба ошно гардиданд.

♦ Мардуми мо, ҳамчунин, имкон пайдо намуданд, ки расму ойинҳои миллӣ ва маросиму идҳои динӣ – ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон, Тиргону Сада ва идҳои Рамазону Қурбонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда, онҳоро бо иштироки озодонаи хурду бузурги мамлакат ва бо ифтихор аз таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик таҷлил намоянд.

♦ Дар соли 2009 бо ширкати олимону донишмандони машҳури ҷаҳони ислом ва шахсиятҳои маъруф аз 55 давлати дунё баргузор кардани 1310-солагии асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик – Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки бо номи Имоми Аъзам машҳур аст, як рӯйдоди муҳим дар ҳаёти маънавии мардуми мо гардид.

♦ Бо дастури Роҳбари давлат яке аз тафсирҳои муътабари Қуръони карим – “Тарҷумаи тафсири Табарӣ”, “Ҳидоя”-и Бурҳониддин Абӯҳасан ибни Абӯбакр, “Саҳеҳ”-и Имом Бухорӣ, “Муқаддима”-и ибни Халдун ва асарҳои дигар мутафаккирони бузурги исломӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр карда шуданд.

♦ Худованд дар сураи Тавба, ояти 60-ум мефармояд, ки “ҷуз ин нест, ки садақаҳо барои фақирон ва мискинон ва омилони садақот ва онон, ки дилҳояшон улфат дода мешавад (яъне шахсони бемору нотавон) ва барои харҷ кардан дар роҳи Худо ва барои мусофирон ва он ҳукми собитшуда аз назди Худо аст”.

♦ Мо тасмим гирифтаем, ки ин гуна иқдомот, аз ҷумла нашри тоҷикии матни Қуръони каримро минбаъд низ идома диҳем, то ин китоби муқаддас барои пок нигоҳ доштани асолати динии мардумамон дар ҳар хонадони кишвар мавҷуд бошад.

♦ Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”, “Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, бақайдгирии 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, яъне масҷидҳо ва ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон ба 2000 нафар шаҳрванд як масҷид рост меояд, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 3 – 3,5 ҳазор ва дар дигар кишварҳои мутараққии ҷаҳон 5 – 5,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

♦ Соли 2010 аз ҷониби Ташкилоти ҷаҳони ислом оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО) пойтахти фарҳанги исломӣ эълон гардидани шаҳри Душанбе далели возеҳи он мебошад, ки тоҷикон дар ҷодаи ҳифзи мероси динӣ, ғанӣ гардонидани он ва умуман фарҳангу маорифи исломӣ дар сатҳи ҷаҳони ислом саҳми арзишманд гузоштаанд.

♦ Имрӯз мо озод ҳастем – тоат мекунӣ, ибодат мекунӣ, намоз мехонӣ, рӯза медорӣ, масҷид меравӣ, хонаи Худо меравӣ, кори хайру савоб мекунӣ, озод ҳастӣ.

♦ Давлати Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи динҳо назари нек дошта, шароити созгори эътиқодиро барои пайравони онҳо таъмин кардааст ва хусусан, барои рушди дини мубини ислом, ки 99 фоизи сокинони кишвар

эътиқодманди он мебошанд, на фақат шароити мусоид муҳайё кардааст, балки ба арзишҳои созандаву инсонпарваронаи он арҷ мегузорад.

Зеро фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит ё Имоми Аъзам поягузори бузургтарин мазҳаби таҳаммулгарои ислом аст, ки шумораи пайравонаш қариб 60 фоизи мусулмонони дунё, яъне беш аз нисфи эътиқодмандони дини исломро ташкил медиҳад.

♦ Пайравӣ аз ойини аҷдодиамон – мазҳаби ҳанафӣ яке аз воситаҳои муассири аз таҳдиду хатарҳо ҳимоя кардани фазои мафкуравии ҷомеаи мо дар шароити муосир мебошад.

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Исмоили Бухорӣ дар шароити вазнини бухрони “илми ҳадис” аз байни садҳо нафар донандагони маъруфи ҳадисҳои набавӣ ба тоза кардани онҳо камар баста, аз миёни садҳо ҳазор ҳадиси бофта 7 ҳазору 250 ҳадиси саҳеҳро бо коркарди усули илмӣ, мантиқӣ ва таърихӣ ба олами ислом пешниҳод кардааст.

Илми ҷаҳонӣ ва кулли мусулмонони олам “Ҷомеъ – ус – саҳеҳ”-и Имом Бухоиро саҳеҳтарин китоб баъди Китоби Худо, яъне Қуръони карим медонанд.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ҳикмат ва ахлоқи исломиро ба пояҳои бисёр баланди назм бардошта, дар сарҳади се тамаддун – исломӣ, юнонӣ ва насронӣ пули ҳамдигарфаҳмию таҳаммул бино намуд ва гуфтугӯи фарҳангу тамаддунҳоро ба роҳ андохт.

Маснавии маънавии
Мавлавӣ
Ҳаст Қуръон дар забони
паҳлавӣ.

“Инқилобҳои ранга” ва дигар равандҳои ба онҳо монанд, ки мисли ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда буданд, аз кучо сарчашма гирифта, ба кучо оварда расониданд, имрӯз ба ҳеҷ кас пӯшида нест.

♦ Бояд гуфт, ки бо вуҷуди муносибати неки давлат нисбат ба ҳамаи дину мазҳабҳо, бахусус, нисбат ба дини мубини ислом, солҳои охир зуҳуроти нороҳатсозандаву нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина риоя нагардидани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда афзоиш ёфта истодааст.

“Инқилобҳои ранга” ва дигар равандҳои ба онҳо монанд, ки мисли ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда буданд, аз кучо сарчашма гирифта, ба кучо оварда расониданд, имрӯз ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Ман чунин мешуморам, ки нисбат ба ин масъала бетарафӣ ё муросокорӣ кардан баробар ба ин аст, ки саодати худ ва фарзандони хешро барҳам занем. Ман яке аз шоҳидони зинда дар толори парламенти ҳамонвақта будам. Агар бисёриҳо бетарафӣ намекарданд, дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ сар намезад.

Беш аз 150 ҳазор нафар кушташудагон, як миллион гурезаҳои иҷборӣ, зиёда аз 50 ҳазор кӯдакони ятим, миллионҳо нафар одамоне, ки азизони худро аз даст доданд ва миллиардҳо сомонӣ зарари иқтисодии он рӯзҳо ҳанӯз аз хотираи мардум нарафтаанд ва дар иқтисодиёту зиндагии мо имрӯз низ эҳсос мешаванд.

♦ Худатон мулоҳиза кунед, ки дар замони шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 34 масҷид, аз ҷумла 17 масҷиди ҷомеъ, 15 калисо ва 2 куништ фаъолият дошт.

Имрӯз дар Тоҷикистон 4 ҳазор масҷид, Донишкадаи исломӣ, ниҳодҳои диншиносии илмӣ, беш аз 250 ҳазор нафар ҳофиён, бештар аз 400 ҳазор умракардагон ва ҳазорҳо нафар ходимони дин – дастпарварони муассисаҳои таҳсилоти динии хориҷиву ватанӣ дар фазои озодиҳои истиқлол тарбия ёфтаанд.



♦ Дар пойтахти Тоҷикистон яке аз бузургтарин масҷидҳо дар минтақа бунёд карда шуд.

♦ Сохтмони бинои нави ҳозиразамони Донишкадаи исломии Тоҷикистон бо санъати баланди меъмории миллӣ босуръат идома дорад.

♦ Тибқи маълумоти аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” давлати Сомониён дар заминаи худогоҳиву бедории шуури миллӣ ташаккул ёфта, 124 сол фаъолият кард ва маҳз дар натиҷаи тундгароии динӣ ва бегонапарастӣ ба шикаст рӯ ба рӯ гардид.

Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои ифротишавии баъзе шаҳрвандони мо ва гароиши онҳо ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасанд.

Тибқи маълумоти аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” давлати Сомониён дар заминаи худогоҳиву бедории шуури миллӣ ташаккул ёфта, 124 сол фаъолият кард ва маҳз дар натиҷаи тундгароии динӣ ва бегонапарастӣ ба шикаст рӯ ба рӯ гардид.

Сабаби асосии чунин вазъият, пеш аз ҳама, дар он аст, ки кор бо мардум дар самти ташаккули маънавиёти солиму созанда ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

♦ Дар ҳоле, ки аксар кишварҳои исломии ҷаҳон босуръат рушд карда, бо омӯзиши илмҳои муосир ҳатто барои фатҳи кайҳон кӯшиш менамоянд, дар ҷомеаи мо гароиши баъзе шаҳрвандон ба хурофотпарастиву ифротгароӣ ва таҳсилоти ғайриқонунии динӣ афзоиш ёфта истодааст.

♦ Ҷавонон аз кишварҳои исломӣ дар пешрафтатарин муассисаҳои таҳсилоти олии дунё таҳсил мекунанд, вале мардуми мо ҳанӯз дар фикри чӣ савоб асту чӣ убол,

чӣ ҳалол асту чӣ ҳаром, ҷойнамозро чӣ гуна партоем, салларо чӣ хел бандем, ҳаҷравӣ, умраравӣ ва ҳоҷиошиву ҳоҷиталбон банд мондаанд.

Яъне на исрофкорону зиёдаравон, на риёкорону зоҳирпарастон, на ҳаҷрафтагону нафарони дигар, балки касоне, ки нафъашон ба пайвандону наздикон, ҳамсояҳову ҳамдеҳагон, ятимону маъюбон ва дигар ниёзмандон мерасад ва қалби ин қабил инсонҳоро шод менамоянд, шахсони ба Худованд наздик мебошанд.

♦ Дар даврони то соҳибистиқлол шудани кишвар аз 5 миллион аҳолии Тоҷикистон ҳамагӣ 29 нафар маросими ҳаҷро анҷом дода буд.

♦ Танҳо соли 2023-юм 63 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар маросими ҳаҷ ва умраро адо кардаанд ва маблағи ба ҳисоби миёна харҷнамудаи онҳо ба беш аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ баробар шудааст.

Маблағи барои ҳаҷ сарфкардаи шаҳрвандони мо дар замони соҳибистиқлолӣ қариб 12 миллиард сомониро ташкил додааст, ки дар шароити имрӯза, яъне дар замоне, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон раванди манфии пастравии иқтисодиёт мушоҳида мегардад ва дар қариб 80 кишвари дунё мардум аз нарасидани ғизо ва гуруснагӣ азият мекашанд, барои кишвари мо маблағи хеле калон ба ҳисоб меравад.

> Ман ба нангу номус, ақлу заковат, нерӯи зеҳниву ҷисмонӣ, ҳисси баланди истиқлолу озодихоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва шуҷоату ҷавонмардии ҳар яки шумо итминон дорам.

Тибқи муқаррароти шариати ислом писарон ва бахусус, духтарон баъди расидан ба синни 9 – 10-солагӣ бояд утоқи алоҳидаи худро дошта бошанд, бояд алоҳида хоб раванд.

Ман ҳатто комиссияро супориш додам, ки онҳое нияти сафари ҳаҷ мекунанд, рафта бинед, хонаву дар, шароити зисту зиндагии фарзандон, аҳли оилаи онҳо, ки мушкилӣ надошта бошанд.

Баъзеҳо тавассути маблағи фарзандонашон, ки аксаран дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта, худашон фарзандони хурдсол доранд, ҳатто бо гирифтани қарз ва зери бори гарони зиндагӣ қарор додани аҳли оила ба умра мераванд.

♦ Бо истифода аз фурсати муносиб, ба роҳбарону мутахассисони соҳаи дин, ходимони дин, ки дар назди мардум ва Худову Расул эҳсоси масъулият доранд, кормандони Академияи миллии илмҳо ва дигар донишмандоне, ки масоили диниро хуб медонанд, муроҷиат мекунам, ки бо мардум кор кунед, роҳи дурусти диёнату маърифатро нишон диҳед, то ки одамон сиёҳро аз сафед ва зиёнро аз фоида фарқ карда тавонанд.

Дар ин замина, Паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад мефармоянд: “Касе, ки барои шуҳратталабӣ амалеро анҷом диҳад ва касе, ки аз рӯйи риё (худнамоӣ) амале анҷом диҳад, то мардум бузургаш доранд, Худованд ба сабаби изҳор намудани риёкорияш, яъне худнамоияш дар назди мардум дар рӯзи қиёмат шармсор месозад”.

♦ Эй мардум, шариати ислом ҳаҷро ба шарти муайян як маротиба воҷиб гардонидааст!

Зеро Паёмбари ислом низ як маротиба ҳаҷ кардаанд.

Даҳ бор не, панҷ бор не, як маротиба.

Барои он, ки агар 3 – 4 маротиба зиёрат мекарданд, фарз мешуд ва уммати мусулмон ба мушкилӣ гирифтор мешуд.

♦ Дар хусуси умра ҳаминро бояд гуфт, ки умра фарз нест ва адокунандаи умра ҳоҷӣ нест, зеро бо адои умра адои ҳаҷ, яъне ҳаққи фарзӣ аз гардани шахс соқит на-

мегардад, инро ба мардум фаҳмонед.

♦ Бори дигар таъкидан баён медорам, ки умра ба кас мартабаи ҳоҷӣ намедиҳад, ин баробар ба адои намоз аст, зеро дар баробари намоз як рукни ислом аст, тавре ки мегӯянд: “Аҳмад рафт Маккаву Мадина, омад ҳамон Аҳмади порина!”

Танҳо як савоб мегиред. Охир як моҳ рӯзадорӣ кун, панҷ вақт намозатро хон. Хизмати падару модар ва шавҳаратро кун. Фарзандонатро тозаву озода нигоҳ дор, шикамашонро бо ғизои босифат таъмин кун.

♦ Магар дуруст аст, ки бародар, хоҳар, фарзандон ё ҳамсояву ҳамдеҳаи мо гурусна бошанду мо маблағи зиёдро сарф намуда, ба хонаи Худо равем?

Яке аз шахсиятҳои маъруфи илму ирфони гузаштаамон низ дар ин маврид хуб гуфтааст:

Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст,
Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст.

Ҳоло дар кишвар 3 хона – интернати пиронсолон ва маъюбон бо 384 нафар бошандагон, аз ҷумла 196 нафар пиронсолон 4 хона – интернати беморони рӯҳӣ бо 893 нафар бошандагон, аз ҷумла 842 нафар маъюбони бемориҳои рӯҳӣ, 61 мактаб – интернат, аз ҷумла 14 мактаб – интернати ҷумҳуриявӣ ва

> Дар ҳазораи сеюм танҳо давлату миллатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки илму дониши пешрафта ва техникаву технологияҳои замонавӣ дошта бошанд.

47 мактаб – интернати дорои мақоми маҳаллӣ фаъолият дорад.

♦ Бо ин ҳама исрофкориву хурофотпарастӣ, зиёдаравию каҷравӣ дар дин, намоишкориву риёкорӣ, ифротгароӣ ва баъзан теророр, ки гуё ба хотири Худо даст мезанем, як нуктаи муҳимро фаромӯш мекунем: пушти деворамон, дар хонаи ҳамсоя, дар маҳалли зистамон, деҳаамон, ноҳия ё вилоятамон ва дар кишварамон шахсоне зиндагӣ доранд, ки муҳточи меҳру шафқати мову шумо ҳастанд!!!

♦ Мо мардуми Тоҷикистон ҳамеша дар мазҳаби муътадил ва таҳаммулгарои Имом Абӯҳанифа будем ва намегузорем, ки дар байни мардуми кишвар бо истифода аз эҳсосоти динӣ фикру андешаҳои радикалии динӣ ва экстремистӣ паҳн гарданд.

♦ Таҷрибаи беш аз сиюдусолаи ҳамкориҳои мо бо кишварҳои олами ислом, бахусус, кишварҳои арабӣ нишон медиҳад, ки рӯй овардан ба илм, омӯзиш ва рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ, истифодаи дастовардҳои пешқадами илмӣ ва татбиқи технологияҳои муосир онҳоро ба тараққиёти бесобиқа расонида, боиси аз байн рафтани фаҳмишҳои шахшуда ва куҳна гардида истодааст.

Барои мисол, суръати рушди кишварҳои мусулмоннишинро дар мисоли Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб, Қатар, Кувайт, Баҳрайн, Малайзия ва дигарҳо мегирем, ки бо чӣ суръат рушд карда истодаанд.

♦ Ҳатто дар тарбияи динӣ ҳам ягон пешравӣ надорем, дар озмунҳои қироати Қуръон ҷойи аввалро мегиранд намояндагони Тоҷикистон, лекин дар тафсиру мазмун ҷойи охиронро чунки қориазёд мекунад, қироати нағз мекунад, лекин намефаҳмад мазмунашро, тафсир карда наметавонад.

♦ Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои муътамад дар замони Абӯҳанифа низ олимон ва донишмандони зиёде шоҳиди сӯйистифода аз дин ба хотири манофеи сиёсӣ буданд, аммо касе ба андозаи Абӯҳанифа ҷуръат надошт, ки ба таври ошкоро мухолифати худро бо худсариву қаҷравӣ

баён кунад.

♦ Миллати тоҷик таъриху тамаддуну фарҳанги беш аз 6000-сола дорад.

♦ Ҷашни Наврӯзи Аҷам беш аз 6000 сол таърих дорад.

♦ Шаҳри бостонии Саразмро олимони сатҳи ҷаҳонӣ аз тамоми дунё омӯхтанд, ЮНЕСКО қарор қабул кард, ки ин шаҳри бостонӣ таърихи беш аз панҷунимҳазорсола дорад.

Ин далели қадима будани миллати тоҷик – миллати мову шумост, мардум!

♦ Эй мардуми тоҷик, мо ориёитабор ҳастем, мо ориёӣ ҳастем мо намояндаи тамаддуну фарҳанги ҳиндуаврупоӣ ҳастем, мо ҳуқуқи ба таври замонавӣ либос пӯшиданро дорем, чеҳраи моро бинед, чеҳраи тоҷикро бинед, мо тарзи либоспӯшии зебову пешрафта доштем.

Касе таърихи миллати тоҷикро хонда бошад, медонад, мардуми ориёитабор азимҷусса буданд.

Дар як ҳадиси саҳеҳ таъкид шудааст, ки “Беҳтарин чизе, ки шахс мехӯрад, аз меҳнати дасташ аст”.

Аз Бобои Одам – Деҳқон то Паёмбари мо Ҳазрати Муҳаммад, ҳама паёмбарон касбу коре (чӯпонӣ, дӯзандагӣ, тоҷирӣ) доштаанд.

♦ Ҳазрати Нӯҳ устои дуредгар, Идрис – дӯзанда, Солеҳ – тоҷир, Довуд – оҳангар, Сулаймон сабадбоф буда, ризқу рӯзии худро аз заҳмати ҳалол ёфтаанд.

Тавре ки медонед, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар дар Паёми Роҳбари давлат соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардид.

♦ Дона кишт накунӣ, заҳмат накашӣ, заминро истифода накунӣ, ҳеҷ чиз пайдо намешавад.

♦ Ходимони дин метавонанд ва вазифадоранд, ки дар ислоҳи маънавиёти ҷомеа, пешгирӣ кардани бадахлоқиву ҷинояткорӣ, вайроншавии оилаҳои ҷавон, таъмини риояи Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим, пешгирии ифротишавии ҷавонон, таълимоти ғайриқонунии динӣ ва дар шароити ниҳоят мураккабу буҳронии имрӯза барои гирифтани пеши роҳи ифротгароӣ қарзи имонӣ ва рисолати шаҳрвандии худро иҷро намоянд.

♦ Дар ҳазораи сеюм танҳо давлату миллатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки илму дониши пешрафта ва техникаву технологияҳои замонавӣ дошта бошанд.

Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем ва дар назди наслҳои имрӯзу оянда, барои тақдири Ватан, давлат ва миллат масъулият дорем, ки рӯ ба мактабу маориф оварем, барои фарзандонамон шароит муҳайё кунем, ки бесавод намонанд, илму дониш омӯзанд ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд.

♦ Дар хотир дошта бошем, ки роҳбарони гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, ки фарзандони мову шуморо ба сафҳои худ ҷалб менамоянд, азоби таваллуд кардану ба воя расонидани фарзандони моро накашидаанд, заҳмати бедорхобиро надидаанд ва ба онҳо нону об надодаанд.

Баъди аз даст додани онҳо танҳо ҷони падару модар месӯзаду халос.

♦ Мо набояд гузорем, ки номи фарзандони мо дар таърихи миллат ҳамчун террорист ё ифротгаро сабт шавад.

♦ Ман ба нангу номус, ақлу заковат, нерӯи зеҳниву ҷисмонӣ, ҳисси баланди истиқлолу озодихоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва шуҷоату ҷавонмардии ҳар яки шумо итминон дорам.

♦ Ба тамоми мардуми Тоҷикистон саломатӣ, сулҳу субот, хонаи обод, файзу баракат ва ба ҳамаи шумо – ҳозирини арҷманд – дар роҳи ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва ҳифзи арзишҳои асили милливу динӣ барору комёбӣ орзу менамоям.

Таҳияи
Аъламхон НАИМӢ



Низоми бонкӣ соҳибкории бонувонро дастгирӣ менамояд

30 май дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарияти бонк, Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, ҳайати ҳакамон ва тадорукот, намояндагони шарикони рушд ва воситаҳои ахбори омма маросими тантанавӣ бахшида ба ҷамъбасти натиҷаи озмун барои дарёфти ҷоизаи "Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии бонувони соҳибкор" баргузор гардид.

Озмуни зикргардида соли дуюм аст, ки дар доираи "Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027" гузаронида шуда, дар асоси фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйи чор номина: "Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи қарзҳои додашуда/маблағгузории исломӣ ба бонувони соҳибкор", "Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти ҷалби пасандозҳои бонувони соҳибкор", "Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи насб ва истифодаи воситаҳои электронии пардохт (POS-терминал ва QR-рамз) ба бонувони соҳибкор" ва "Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи татбиқи лоиҳаҳо вобаста ба дастгирии бонувони соҳибкор" ҷамъбаст гардид.

Чорабиниро раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки ҳадаф аз баргузории озмун пеш аз ҳама таъмини иҷрои банди 32 Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 29 ноябри соли 2023, №545) тасдиқ шудааст, инчунин тавсеаи дастрасии соҳибкории бонувон ба захираҳои молиявии арзон ва дар маҷмуъ баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ мебошад.

Ҳамчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зикр намуданд, ки зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давроні соҳибистиқлолии кишвар ба масъалаҳои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории бонувон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти ислоҳоти низоми бонкӣ, тақвияти сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома



> Ҳадаф аз баргузории озмун пеш аз ҳама таъмини иҷрои банди 32 Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 29 ноябри соли 2023, №545) тасдиқ шудааст, инчунин тавсеаи дастрасии соҳибкории бонувон ба захираҳои молиявии арзон ва дар маҷмуъ баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ мебошад.



бахшида, баҳри таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт равона карда истодааст.

Ҳамзамон, Фирдавс Толибзода изҳори умедворӣ намуд, ки баргузор намудани чунин озмунҳо барои васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди минбаъдаи соҳибкории бонувон ва ҷалби бештари занону духтарон ба низоми бонкию молиявӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар навбати худ, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода қайд намуд, ки дар шароити имрӯза фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории бонувон, яке аз неруҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ намудани технологияи муосир, афзоиши даромади аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва дар маҷмуъ таъмини рушди устувори иқтисодӣ саҳми назаррас дорад.

Сипас, аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои озмун барандагони ҷоизаҳо бо ҷомҳо, дипломҳо ва ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ карда шуданд. Ҷоизаҳо ба ғолибони озмун аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршедаи Қодир, муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ ва Гулбаҳор Назирӣ супорида шуданд.

Дар номинаи “Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи қарзҳои додашуда/маблағгузории исломӣ ба бонувони соҳибкор” ҷойи 1-умро КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”, ҷойи 2-юмро ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд” ва ҷойи 3-юмро КВД Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон





“Саноатсодиротбонк” соҳиб гаштанд.

Дар номинаи “Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти ҷалби пасандозҳои бонувони соҳибкор” ҶСП ТАҚХ Ҳумо” ҷойи 1-ум, ҶДММ ТАҚХ “Фазо С” ҷойи 2-юм ва ҶСК “Ориёнбонк” ҷойи 3-юмро ишғол намуданд.

Аз рӯйи ҷамъбасти номинаи “Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи насб ва истифодаи воситаҳои электронии пардохт (POS-терминал ва QR-рамз) ба бонувони соҳибкор” ҷойи 1-умро ҶСК “Бонки Эсхата”, ҷойи 2-юмро ҶСК “Алиф Бонк” ва ҷойи 3-юмро ҶСП ”Бонки байналмилалии Тоҷикистон” соҳиб гаштанд.

Дар номинаи “Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи татбиқи лоиҳаҳо вобаста ба дастгирии бонувони соҳибкор” ҷойи 1-ум ба ҶСП Бонки ”Арванд”, ҷойи 2-юм ба ҶДММ ТАҚХ “Финка” ва ҷойи 3-юм ба ҶСП ТАҚХ “Имон интернешнл” насиб гардид.

Барои саҳмгузорӣ дар рушди низоми бонкӣ ва иштироки фаъолона дар озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии бонувони соҳибкор” ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶСК “Тавҳидбонк”, ҶСП “Актив Бонк” ва ҶСП “Бонки рушди Тоҷикистон” бо Ифтихорномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, барои иштироки фаъолона дар оғаз мун ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз”, ҶДММ ТАҚХ “Матин”, ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия”, ҶДММ ТАҚХ “Зудамал”, ҶСП ТАҚХ “Ардо-капитал” ва ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” бо Сипосномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон қадрдонӣ гардиданд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба иштирокдорони чорабинӣ барои саҳми назаррас дар рушди бомаромии низоми бонкӣ ва бахши молиявии кишвар изҳори миннатдорӣ намуда, барои фаъолияти минбаъда барояшон барору комёбӣ таманно намуд.

Ф.Маҳмадалиев,
директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ



Ваҳдати миллӣ - таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии мардуми Тоҷикистон

25-уми июни соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид. Ҷаласаи идона зери роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Фирдавс Толибзода бо иштироки муовини якуми раиси Бонки миллӣ Фируз Шарифзода, муовинони раис Гулбаҳор Назирӣ ва Сироҷиддин Икромӣ ва кормандони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон доир гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Фирдавс Толибзода ба муносибати фарорасии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҳамаи иштирокдорони ҷаласаи идонаро табрику таҳният гуфта, ҷашни Ваҳдати миллиро яке аз ҷашнҳои бузурги Тоҷикистон номид, ки иттиҳоди тамоми сокинони мамлакат ва якпорчагии марзу буми Тоҷикистонро таҷассум мекунад, аз фарҳанги таҳаммулгарӣ ва башардӯстона доштани фарзандони фарзонаву фидоии он, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳад, ки дар он рӯзҳои душвор тавонистанд давлату ҷомеаи моро аз гирдоби ҷангу хунрезӣ берун кашида, бо ҷасорату кордонӣ сулҳу субот ва оромии ҷомеаро таъмин намоянд.

Зимни суханронии худ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро санади муҳимми сарнавиштсози таърихи давлатдории нави миллӣ номида, зикр намуд, ки ҳоло аз имзои он, ки бисту ҳафтуми июни соли 1997 баъди музокироти тулонӣ бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат бо мақсади ҳифзи якпорчагии кишвар ва таъмини сулҳу суботи он сурат гирифт, бисту ҳафт сол сипарӣ мегардад.



Бо шукргузорӣ аз фазои амну осудаи кишвар раиси Бонки миллии Тоҷикистон зикр намуд, ки бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвари азизамон - Тоҷикистон сулҳи комил фароҳам омад ва мардум баъди азобу кулфати даҳшатбори ҷанги таҳмилӣ дубора ба марҳилаи бунёдкорию созандагӣ шуруъ намуданд. Хусусан, пас аз фаро расидани сулҳу оромӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пояҳои давлатдории миллиро таҳким бахшида, дастовардҳо ва иқтидори иқтисодию иҷтимоии худро рӯз ба рӯз афзун мегардонад, ки мисоли равшани он татбиқи чор ҳадафи стратегӣ мебошад ва ин ҳама ба туфайли фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ имконпазир гардидааст. Бинобар ин ҳоло мо ҳамчун шаҳрвандони ин ватан бояд ба қадри сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, истиқлолият ва давлатдории мустақил расида, ҳамтақдири миллати худ бошем ва аз неъмати бузурги ватандорӣ, меҳнати софдилонаю беғаразона ба нафъи Ватан ифтихор намоем.

> Бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвари азизамон - Тоҷикистон сулҳи комил фароҳам омад ва мардум баъди азобу кулфати даҳшатбори ҷанги таҳмилӣ дубора ба марҳилаи бунёдкорию созандагӣ шуруъ намуданд.

Ҳамчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз иштирокдорони ҷамъомад даъват ба амал оварда, ки барои пойдории ваҳдати миллӣ ва фазои ороми сулҳу субот ҳамеша саъйу талош кунанд, то ҳамқадами ҷомеаи муосир бошанд ва ҷавононро ба омӯхтани илми муосир, яъне дастовардҳои илму техника ва технологи-



яи нав, аз ҷумла татбиқи онҳо дар низоми бонкии мамлакат, омӯхтани забонҳои хориҷӣ раҳнамоӣ кунанд ва дар баробари ин аз ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тақлиди кӯркӯронаи либосу фарҳанги бегона пешгирӣ намуда, онҳоро чун нигаҳдорандаи расму анъанаҳои аҷдодии худ тарбия намоянд.

Дар зимн раиси Бонки миллии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба он ки Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 дар заминаи Идораи Бонки давлатии Иттиҳоди Шуравӣ таъсис гардидааст, тамоми кормандони низоми бонкии ҷумҳуриро бо истифода аз ин фурсати муносиб 33-юмин солгарди таъсиси Бонки миллии Тоҷикистон самимона муборакбод гуфт.

Қайд гардид, ки фаъолияти пурсамари Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат низ пас аз анҷом ёфтани ҷанги дохилӣ ва ба даст омадани Ваҳдати миллӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод ва дар таҳкиму тақвияти ин низом раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши асосӣ доранд.

Таъкид шуд, ки солҳои охир ислоҳоти низоми бонкии мамлакат зина ба зина идома ёфта, заминаи меъёрии ҳуқуқии он ба талаботи муосир мутобиқ шуда истодааст. Бинобар ин зарур аст, ки кормандони Бонки миллӣ барои пешрафти низоми бонкии кишвар беш аз пеш кӯшиш намоянд ва ба ин васила дар таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошанд.

Дар идомаи ҷаласа, сардори шуъбаи тарҷумаи Бонки миллии Тоҷикистон Султон Ҳасан Баротзода суханронӣ

“Ҷашни Ваҳдати миллӣ рамзи баҳамоӣ, сарҷамъӣ, иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ буда, пирӯзии фарҳанги сулҳ ва ақлу заковати солими миллати солору хирадманд ва сулҳпарвари тоҷикро бори дигар собит месозад”.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН



намуда, нақши Ваҳдати миллиро дар таҳкими давлату давлатдорӣ бузург арзёбӣ кард. Мавсуф зимни суханронии худ зикр намуд, ки ҷашни Ваҳдати миллӣ, ки реша дар фарҳангу хиради воло ва азалии мардуми тоҷик дорад, имрӯз воқеан тачассумгари иттиҳоду якпорчагии ҳамаи сокинони Тоҷикистон аст.

Дар анҷоми ҷаласаи идона, раиси Бонки миллии Тоҷикистон бори дигар кормандони бонкро бо ҷашни Ваҳдати миллӣ табрику таҳният намуда, барояшон тани сиҳату хотири ҷамъ, саодату сарбаландӣ, рӯзгори орому осуда ва осмони софи беғубор таманно намуд.



Фестивали саводнокии молиявӣ дар Данғара

Дар доираи татбиқи "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ соли дуюм аст, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғурта, шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ фестивали "Саводнокии молиявӣ" гузаронида мешавад. Ҳадаф аз баргузории чунин фестивалҳо васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, 25 апрели соли 2024 дар Қасри Фарҳанги ноҳияи Данғара бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати фаъоли намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд, шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ фестивали "Саводнокии молиявӣ" баргузор гардид.

Дар расми ифтитоҳи фестивали мазкур муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ вобаста ба ҳадафҳои асосии роҳандозии чорабинии мазкур, яъне васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ суханронӣ намуд.

-Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтӣ ва самарабахши ҳадафҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд як қатор тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намуд. Дар ин раванд, Бонки миллии Тоҷикистон саҳм ва нақши ташкилотҳои қарзии молиявиро ҳамчун иштирокчии бевоситаи бозори молиявӣ ва пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои молиявӣ ба истеъмолкунандагон дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молия-

вии истифодабарандагони чунин хизматрасониҳо муҳим ва назаррас арзёбӣ менамояд, - изҳор намуд Г.Назирӣ.

Дар идома мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, соҳибкорони



муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои гуногуни марбут ба саводнокии молиявӣ, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати молиявӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақамикунонии пардохтҳо ва тавсеаи инфрасохтори низоми пардохт, суғурта, аҳаммият, манфиат ва фишангҳои молиявӣ, қаллобӣ дар интернет ва роҳҳои пешгирии он, инчунин дигар мавзуъҳои низоми бонкӣ ва молия баромад намуда, таҷрибаҳои хешро дар ин самт баён доштанд.

Илова бар ин, дар ҷараёни фестивал бо иштирокдорон якчанд озмунҳо гузаронида шуда, ба ғолибон





рабиниро ҳамзамон барномаи фарҳангӣ шукуҳи тоза бахшида, ҳунармандони варзида бо санъати хеш табъи зиёда аз 1500 нафар толибилмон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва мактабҳои олӣ, кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва дигар иштирокчиёни фестивалро болида гардониданд.

туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Дар қисмати дуюми фестивал “Намоиши маҳсулоти молиявӣ ва суғуртавӣ” баргузор гардид. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маҳсулоти молиявӣ ва истеҳсолии худро ба иштирокдорони чорабинӣ муаррифӣ намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки чо-





Бояд қайд кард, ки фестивали мазкур доираи васеи иштирокчиёнро фаро гирифта, асосан барои ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ва ҷавонон равона шуд, зеро неруи созандаи ҷавонон дар рушду ташаккули иқтисоди рақамӣ саҳми назаррас дорад.

Ҳ. Мавҷуда

ХАВФИ ҚАРЗИ ИСТЕЪМОЛӢ
ВА ЗАРУРАТИ ТАНЗИМДАРОРИИ ОН

ҶУРАЕВ БЕҲЗОД МАШРАФОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисод, дотсент
ФАЙЗАЛИИ САФАРАЛӢ,
ФҚҲ "Фонди бозтамвил"



Мақолаи мазкур ба масъалаи рушди бемайлони бозори қарзӣ, алалхусус қарздиҳии истеъмолӣ бахшида шудааст. Дар мақола вазъи кунунии бозори қарзӣ мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифта, диққати асосӣ ба зариби таҷаммуъи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои низоми бонкӣ равона гардидааст.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, сандуқи қарзӣ, қарзи истеъмолӣ, зариби таҷаммуъ, дороиҳои бонкӣ, хавфи иҷтимоӣ, хавфи қарзӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

РИСК ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО КРЕДИТОВАНИЯ И НЕОБХОДИМОСТЬ ЕГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

Данная статья посвящена вопросу устойчивого развития кредитного рынка, особенно потребительского кредитования. В статье анализировано современная ситуация на кредитном рынке. Основное внимание уделено соотношению совокупного кредитного портфеля в составе активов банковской системы.

Ключевые слова: банковская система, кредитный портфель, потребительский кредит, коэффициент концентрации, банковские активы, социальный риск, кредитный риск, кредитные финансовые организации.

RISK OF CONSUMER LOANS AND THE NEED FOR ITS REGULATION

This article is devoted to the issue of sustainable development of the credit market, especially consumer lending. The article analyzes the current situation in the credit market. The main attention is to the ratio of the total loans portfolio to the assets of the banking system.

Key words: banking system, loan portfolio, consumer loans, concentration ratio, banking assets, social risk, credit risk, credit financial institutions.

Мафҳуми «хавф»-ро ҳамчун эҳтимоли таҳдиди ҳодисаи номатлуб муайян кардан мумкин аст, ки метавонад боиси талафоти гуногун дар фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ гардад. Хавф ҳамчун ҳодиса дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо ҷой дорад, онро пурра нест кардан ғайриимкон аст, аммо пешгирӣ ва ё то андозае паст кардани он имконпазир аст.

Хавфҳо дар фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, новобаста аз намуди фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, таҳлил, назорат ва ҷустуҷӯи роҳҳои мувофиқи ҳалли худро дар соҳаи идоракунӣ тақозо менамоянд.

Раҷабов Р.К. - коршиноси масоили иқтисодӣ қайд менамояд, ки «..хавф - ин эҳтимоли пайдо шудани зарар ва ё нагирифтани даромадҳо дар муқоиса бо варианти пешгӯишаванда мебошад» [2].

Мафҳуми «хавф» бо мафҳуми «эҳтимол» ро-

битаи ҷудонашаванда дорад. Чунки хавф хосияти эҳтимолӣ дошта, ба таври аниқ муайян кардани фарорасии ин ё он ҳодиса ғайриимкон буда, эҳтимолият наметавонад муайянкунандаи хавф бошад.

Ҳамзамон мафҳуми "хавф" бо мафҳуми "фоида" низ аз ҳам вобастагӣ доранд. Аз ҷумла, ин алоқамандиро асосгузори иқтисодиёти классикӣ Адам Смит дар китоби худ "Тадқиқот дар бораи табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" қайд намудааст: "ҳатто ба даст овардани меъёрҳои муқаррарии фоида ҳамеша бо хавфи калон ё хурд алоқаманд аст" [1].

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба хавфи андозӣ ва низоми идоракунии хавфҳои андозӣ чунин қайд карда шудааст: "Хавф - эҳтимолияти пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз), ки метавонад боиси ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ гардад" [4].

Яъне хавф ин ҳодисае мебошад, ки бевосита ба фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад ва дарёфти роҳҳои бартараф ва паст намудани он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи хоҷагидор ба ҳисоб меравад.

Хавф вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкилию ҳуқуқии субъекти хоҷагидорӣ гуногун буда метавонад. Аз ҷумла, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ як қатор хавфҳое мавҷуд ҳастанд, ки пешгирӣ ва идоракунии онҳо бевосита ба худи ташкилоти қарзӣ, ба тамоми қишрҳои ҷомеа ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсир расонида метавонад.

Масъалае, ки дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор мегирад, ин хавфи қарзҳои истеъмолӣ мебошад.

Чи тавре ки қайд кардем, дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ хавфҳои гуногун мавҷуд ҳастанд, аз ҷумла:

- Хавфи пардохтпазирӣ;
- Хавфи амалиётӣ;
- Хавфи асъорӣ;
- Хавфи қарзӣ;
- Хавфи идоракунии корпоративӣ;

Дар мисоли низоми бонкии ватанӣ, бо назардошти он ки ҳиссаи қарздиҳӣ дар таркиби амалиёти бонкӣ назаррас мебошад, хавфи асосӣ барои онҳо пеш аз ҳама хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Хавфи қарзӣ – ин эҳтимоли зиён дидани ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи аз ҷониби қарзгиранда дар муҳлати тибқи шартномаи қарзӣ муқарраргардида, иҷро нагардидани уҳдадориҳо оид ба қарзи гирифтааш мебошад.

Чӣ қадаре ки дар таркиби сохтори дороиҳои бонкӣ ҳиссаи маблағгузориҳои хавфнок баланд бошад, ҳамон қадар бозоргирии он пасттар мегардад.

Барои таҳлили сохтори дороиҳои бонкӣ шаклҳои гуногуни гурӯҳбандии бандҳои дороиҳои бонкӣ истифода мегарданд. Дар диди умум, аз рӯйи моҳияти мантиқӣ ва вобаста ба дараҷаи хавф дороиҳои бонкиро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

1. Хазина, суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон – маблағҳои дар хазина, дар суратҳисобҳои муросилотӣ буда;
2. Маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ - ҷойгиркуниҳои муҳлатнок, қарзҳои байнибонкӣ, бақияи дар ҳисобҳои Ностро дар бонкҳои корреспондентӣ;
3. Сандуқи қарзӣ – бақияи қарзҳои додашуда, овердрафт;
4. Коғазҳои қиматноки маблағгузоришуда;
5. Воситаҳои асосӣ;

Ҷадвали 1. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои низом дар маҷмуъ дар солҳои 2018-2023

Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои низоми бонкӣ дар солҳои 2018-2023						
Нишондиҳандаҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҳаҷми дороиҳои бонкӣ (млн. сомонӣ)	21 201.0	21 975.8	26 307.4	22 414.7	30 030.7	37 679.5
Суръати афзоиши дороиҳои бонкӣ (бо %)	5.23%	3.7%	19.7%	-14.8%	33.9%	25.5%
Бақияи сандуқи қарзӣ (млн. сомонӣ)	8 677.2	9 703.2	10 882.5	11 970.4	13 577.6	17 844.8
Суръати афзоиши бақияи сандуқи қарзӣ (бо %)	14,9%	11.8%	12.2%	10.00%	13.4%	31.4%
Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳои бонкӣ (бо %)	40.93%	44.15%	41.37%	53.40%	45.21%	47.36%

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php -

6. Дигар дороиҳо.

Дар умум дороиҳои дорои хавфи баланд дошта ин сандуқи қарзӣ, коғазҳои қиматнок ва маблағҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

Маълумотҳои ҷадвал шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми дороиҳои бонкӣ дар 6 соли охир пайваста тамоюли афзоишро доранд, ба истиснои соли 2021, ки дар натиҷаи бозхонди иҷозатномаҳои ҶСК "Агроинвестбонк ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дороиҳои низом коҳиш ёфтаанд. Ба ҳисоби миёна суръати афзоиши дороиҳои низоми бонкӣ дар давраи таҳлилшаванда 12% ташкил дода, дар соли 2023 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 қариб 78% зиёд шудааст, ки ин нишондиҳандаи хуб мебошад.

Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ низ тамоюли афзоишро дошта, суръати миёнаи афзоиши ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилшаванда 15,6% ташкил дода, дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 зиёда аз 105% афзоиш ёфтааст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки агар мушкилии пешомадаи бемории COVID-2019 ва бонкҳои мушкилидошта (ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") ҷой намедоштанд, ин нишондиҳанда боз афзоиш меёфт.

Ҳиссаи бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии низоми бонкӣ дар таркиби дороиҳои низом дар давраи таҳлилшаванда қариб ки ҳамасола ба таври ҷиддӣ тағйир наёфта, дар доираи 45,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз ба таври кофӣ бо қарздиҳӣ машғул набудани ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ин нишондиҳанда дар маҷмуъ дар низом гирифта шудааст ва ба таври алоҳидагӣ ба фаъолияти ҳар як ташкилоти қарзӣ рабт надорад. Чунки дар таҳлилҳои минбаъда мебинем, ки ҳастанд ташкилотҳои қарзие, ки бевосита фаъолона бо қарздиҳӣ машғул ҳастанд ва ҳам ҳастанд ташкилотҳои қарзии молиявие, ки навташкил буда, дар раванди ба роҳмонии амалиёти қарздиҳӣ ҳастанд ва ё ба дигар амалиёти бонкӣ, аз қабили амалиёти асъорӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ такя мекунанд.

Сабаби дар фаъолияти ташкилоти қарзӣ хавфи асосӣ хавфи қарзӣ ба ҳисоб рафтанаш дар он аст, ки қисми асосии дороиҳои ташкилотҳои қарзиро маҳз сандуқи қарзӣ ташкил медиҳанд. Маълумотҳои ҷадвали 2 ин гуфтаҳоро собит месозанд.

Дар таркиби дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ зиёд будани сандуқи қарзӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳиссаи асосии дороиҳоро дороиҳои даромаднок ташкил дода, ташкилоти қарзӣ асосан бо қарздиҳӣ машғул аст. Ба таркиби

Ҷадвали 2. Ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар таркиби дороиҳои онҳо дар алоҳидагӣ дар соли 2023

	Ташкилотҳои қарзии молиявӣ	Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ)	Сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ)	Ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо (бо %)
1.	ҶСП "Бонки Арванд"	1205.0	960.6	80%
2.	ТАҚҲ "ФИНКА"	387.3	308.3	80%
3.	ТАҚҲ "Имон интернешнл"	1894.0	1485.6	78%
4.	ТАҚҲ "Фурӯз"	145.5	103.6	71%
5.	ТАҚҲ "Ҳумо"	1622.2	1153.7	71%
6.	ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1175.1	684.2	58%
7.	ТАҚҲ "Матин"	134.5	74.2	55%
8.	ҶСК "Бонки Эсхата"	5678.3	3018.5	53%
9.	ҶСК "Тавҳидбонк"	243.6	129.4	53%
10.	КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	784.8	389.7	50%
11.	ҶСП "Спитаменбонк"	1782.1	877.5	49%
12.	ҶСП "Коммерсбонки Тоҷикистон	1834,6	839,6	46%
13.	ҶСК "Алифбонк"	1339.8	532.2	40%
14.	ҶСК "Ориёнбонк"	5287.3	2008.4	38%
15.	КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	7579.3	1756.4	23%
16.	ҶСП "Бонки Байналмилалии Тоҷикистон"	2573.3	573.6	22%
17.	ҶСП "Душанбе сити Бонк"	1823.9	108.9	6%

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон - https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/

дороиҳои даромаднок дохил мешаванд: қарзҳои бонкӣ, маблағҳои дар суратҳисоббуда, ҷойгиркуниҳои муҳлатнок ва ғайраҳо.

Дар навбати худ зиёд будани сандуқи қарзӣ дар таркиби дороиҳо бевосита хавфҳои муайянеро доранд, ки аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ бомаҳорат идоракунии онҳоро тақозо менамояд. Агар сандуқи қарзӣ қолабӣ бошад, хавфе ҷой надорад, аммо дар ҳолати зиёд шудани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ бевосита хавфи барнагаштани қарзҳо зиёд мешаванд ва ташкилкунии ФПТИ боиси хароҷоти иловагӣ ба ташкилоти қарзӣ мегардад.

Нишондиҳандаи ҳиссаи сандуқи қарзӣ дар тавозуни бонк имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, ки то кадом андоза фаъолияти бонк дар самти сафарбаркунии маблағҳо дар шакли қарз ба бозори сармояи қарзӣ равона карда шудааст.

Афзоиши ин ҳисса аз болоравии муҳиммияти фаъолияти бонк дар самти қарздиҳӣ ва ҳамзамон аз эҳтимолияти афзоиши хавфи қарзӣ шаҳодат дода, ифодакунандаи то чӣ андоза дороиҳои бонкӣ ба бозори қарзӣ нигаронида ва ё муттамарказонида мебошад. Ин нишондиҳандаро зариби тағаммуъ (коэфициент концентрации) низ меноманд.

Чи тавре ки аз таҳлилҳо мебинем зариби тағаммуъ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ то ба 80% расидааст, ки ин бо паст будани сатҳи даромаднокӣ ва баланд будани сатҳи хавфҳои дигар амалиётҳои фаъол вобаста мебошад. Аммо ин на ба ҳама ташкилотҳои қарзӣ тааллуқ дорад, чунки дар як қатор ташкилотҳои қарзӣ гарчанде зариби тағаммуъ камтар аз 50% бошанд ҳам, аммо онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасониҳои фосилавӣ рӯй ба хизматрасониҳои кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ овардаанд.



Хавфи барнагаштани қарзҳо аз намуд ва шартҳои пешниҳоди қарз вобастагии калон дорад. Айни замон дар ҷумҳурӣ ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ҷалби бештари муштариён шакл ва намудҳои гуногуни қарзҳоро бо шартҳои нисбатан осон ва дастрас пешниҳод намуда истодаанд. Аз ҷумла, шакли аз ҳама маъмули пешниҳоди қарз ин қарзҳои истеъмолӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки қарзҳои истеъмолӣ аз як тараф мушкилоти шахсони воқеиро дар шакли сарфаи вақт, ҳуҷҷатгузории кам, ҷадвали мусоиди баргардонидани қарз ва ғайраҳо ҳал менамояд, аммо аз тарафи дигар, ин гуна рафтор боиси фориғболӣ ва бемасъулиятии қарзгирандагон гашта, хавфи барнагаштани қарзҳоро зиёд намуда, боиси хавфи иҷтимоӣ гардида метавонад.

Қарздиҳии истеъмолӣ барои кишвари мо бомаром рушдёбандаи соҳаи хизматрасонии бонкӣ мебошад. Барои бомаром рушд ёфтани ин намуди қарз дар ҷумҳурии мо ва дар тамоми ҷаҳон ба ҳам пайвастани манфиатҳои се тарафи дар он иштироккунанда сабаб гаштааст. (I) Аз як тараф, он сабабгор шуд, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ шакли нави маҳсулотро пешниҳод намоянд, то ин ки доираи муштариёни худро васеъ на-

моянд. (II) Аз тарафи дигар, ширкатҳои савдо, сохтмон ва дигар ширкатҳо имконият пайдо менамоянд, ки бо ёрии ин маҳсулоти бонкӣ доираи харидорони эхтимолии худро, ки маблағи кифоя барои пардохти зуд ва якдафъаинаи мол ва хизматрасонӣ надоранд, зиёд намоянд. (III) Ва ниҳоятан, қарзи истеъмолӣ имкон фароҳам меорад, ки талаботи аҳолиро ҷиҳати бетаъхир ба даст овардани моли зарурӣ бе ҷамъ намудани маблағи зарурӣ, қонеъ гардонад. Ба шарофати манфиати мутақобилаи қарздиҳанда, фурӯшанда ва истеъмолкунанда, қарздиҳии истеъмолӣ ба технологияи пешбари маблағгузории харид ва хизматрасонӣ табдил ёфта, иқтидори бозорро ба таври назаррас фаррох менамояд.

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI мавҷуд набудани заминаи кофии батанзимдарории ҳуқуқии меъёрӣ инчунин, таҷрибаи ташкилотҳои қарзии ватанӣ дар бозори навташаккулёбандаи қарзи истеъмолӣ ва ҷустуҷӯи фаъолонаи роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур ба натиҷаҳои мусбӣ оварда расониданд, аз ҷумла: доираи ҷуғрофӣ ва шаклҳои қарзҳои истеъмолӣ пай дар пай фарох гардида, фоизи қарзҳо паст ва шартҳои қарздиҳӣ содда гардонида шуданд. Ба таври назаррас афзудани аҳаммияти қарздиҳии истеъмолӣ дар солҳои охир, ки дар заминаи мавҷуд набудани консепсияи ягонаи танзими ҳуқуқии ин соҳа, инчунин консепсияҳои ҳамшафат ба вуҷуд омадаанд, нигарондкунанда мебошад, дар ҳоле ки рӯйхати масъалаҳои ҳалталаб дар ин ҷода афзуда истодаанд.

Қарздиҳии истеъмолӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 2010 оғоз гардида, кӯшишҳои ба танзимдарории қонунгузорӣ дар ин соҳа дар солҳои 2015 қабул шуда буданд ва то ҳол идома доранд.

Боиси қайд аст, ки моҳи декабри соли 2022 бо Қарори №157 Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” тасдиқ гардида, 9 феврали соли 2023 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, аммо санади мазкур умумимеъёрӣ буда, дар маҷмуъ барои танзими қарздиҳӣ равона гардидааст [5].

Дар баробари ин, танҳо қонунгузории муассир, ки дар асоси мушаххасоти дақиқи заминаи меъёрӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки манфиатҳои молиявии тарафҳоро аз ҳолатҳое, ки дар натиҷаи аз иҷрои қасдан ё маҷбурӣ саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳояшон аз рӯйи шартномаи қарзи истеъмолӣ ба вуҷуд омадаанд, зуд ва бо хароҷоти камтарин дар суд ҳифз намояд.

Аз ин рӯ, имрӯз зарурати таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи соҳавӣ “Дар бораи қарзи истеъмолӣ” ба миён омадааст, то ин ки тамоми паҳлуҳои нозуки масъалаи мазкурро ба танзим дарорад. Ҳадафҳои ин ҳуҷҷат ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қарзгирандагон ва қарздиҳандагон, таҳкими эътимод ба низоми бонкии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани устувории низоми молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои пешгирии рақобати носолим дар соҳаи қарз додан ба истеъмолкунандагон мебошад. Масъалаи

Ҷадвали 3. Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар солҳои 2019-2023 (млн. сомонӣ)

	2019	2020	2021	2022	2023
Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давра	7 665	8 904	11 650	14 382	18 991
аз ҷумла:					
қарзҳои хурди додашуда	4 810	6 251	9 26 3	10 527	13 586
аз ҷумла:					
Қарзҳои истеъмолӣ	**1 983**	**2 829**	**4 492**	**5 985**	**8 232**
Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бо %)	25.9%	31.8%	38.6%	41.6%	43.3%
Ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои хурди додашудаи низом (бо %)	41.2%	45.2%	48.5%	56.9%	60.6%

Сарчашма: ҳисобҳои муаллифон дар асоси маълумотҳои омории сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Бюлетени омори бонкӣ барои солҳои 2019-2023- https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php

аввалиндараҷа дар ин руйхат аз лиҳози ҳуқуқӣ ҳимоя намудани ҳуқуққои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои қарзӣ, тасдиқи дуҷонибаи ҷавобгарии тарафҳо ҳангоми риоя нагардидани шартҳои шартнома, мукаммалгардонии амалиёти бюрои қарзӣ оид ба ҷамъоварии маълумот оид ба қарзгирандагон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, дар доираи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур бояд ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии истеъмолӣ дар сандуқи қарзӣ муқаррар карда шавад. Таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар доираи 30-50% нигоҳ дошта мешавад.

Маълумотҳои оморӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳаҷми қарздиҳии истеъмолӣ, алалхусус ба шахсони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст.

Маълумотҳои ҷадвали 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки бозори қарздиҳӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ накарда ба чолишҳои сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, омилҳои беруна, бемории COVID, муфлисшавии як қатор бонкҳои ватанӣ ва ғайраҳо дар солҳои охир тамоюли бемайлони рушдро дорост. Танҳо дар соли 2023 ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ зиёда аз 18,9 млрд. сомонӣ қарз додаанд, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,5 маротиба зиёд буда, афзоиши миёнасолона дар давраи таҳлилшаванда 23,3% ташкил медиҳад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки афзоиши мунтазами қарздиҳӣ боиси таъмин гардидани иқтисодиёт бо пул гардида, ҳамчун мултипликатор барои рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад [3].

Аммо дар ҷадвали 3 нигаронкунанда он аст, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи қарзҳои хурд, аз ҷумла қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби қарзҳои додашуда пайваста афзуда истодааст. Дар соли 2023 қариб 71,5% қарзҳои додашудаи низоми бонкиро қарзҳои хурд ташкил мекарданд. Танҳо соли 2023 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 13,5 млрд. сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019 қариб 2,83 маротиба зиёд буда, суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои хурд дар давраи таҳлилшаванда 29,3% ташкил мекунад, ки он нисбат ба суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои додашуда дар маҷмуъ 6,0 банди фоизӣ зиёдтар мебошад.

Дар навбати худ, ҳиссаи асосиро дар таркиби қарзҳои хурд қарзҳои истеъмолӣ ташкил медиҳанд, ки он низ сол то сол тамоюли афзоишро дорад. Агар дар соли 2019 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 25,9% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 41,2% ташкил карда бошад, пас дар соли 2023 ҳиссаи қарзҳои истеъмолӣ дар таркиби маҷмуи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 43,3% ва дар таркиби қарзҳои хурди додашуда 60,6%-ро ташкил намудааст. Суръати миёнасолонаи афзоиши қарзҳои истеъмолӣ дар панҷ соли охир 43,9% ташкил медиҳад. Чунин бо суръат афзоиш ёфтани қарздиҳии истеъмолӣ ҳам паҳлуи мусбӣ ва ҳам паҳлуи манфӣ дорад.

Паҳлуҳои мусбӣ дар он аст, ки:

- Дастрасии истеъмолкунандагон ба захира ва ё манбаъҳои молиявӣ, ки дар акси ҳол барои аксари онҳо дастнорасанд, муҳайё мегардад;
- Имконияти истеъмолии аҳолиро зиёд намуда, боиси фаъол гардидани тиҷорат ва ғанӣ гардидани буҷет мегардад;
- Шартҳои соддаву осон ва фоизҳои нисбатан рақобатпазири қарзи истеъмолӣ ба истеъмолкунандагон имконияти дар доираи зарфиятҳои буҷавии худ интихоб намудани нақша ва даврaҳои пардохтии мухталифро фароҳам меоранд;
- Барои ба роҳ мондани таърихи қарзии мизоҷон низ қарзҳои истеъмолӣ ҳамчун яке аз маҳсулотҳои маъмулии низоми бонкӣ мусоидат менамоянд.

Паҳлуҳои манфӣ дар он аст, ки:

- Фоизҳои гарони (баланди) қарз, ки баъзан ба сатҳи даромад ва ё буҷаи истеъмолкунандагон рост намеояд;

- Хавфи дефолт ва ё муфлисшавӣ, ки ба бад шудани таърихи қарзии истеъмолкунандагон ва ё андешидани чораҳои таъсиррасон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ нисбати истеъмолкунанда оварда мерасонад;
- Таваррум ва таҷаммуи қарзӣ, ки ба зиёд шудани хавфҳои низоми молиявӣ дар натиҷаи таъсири назарраси омилҳои макроиқтисодӣ ба буҳрон оварда мерасонад;
- Таъсири манфии пардохтҳои фоизҳои зиёд дар давраи кутоҳмуддат ва таъйини ҷаримаҳои зиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми батаъхир афтодани пардохти қарзҳои истеъмолӣ, ки ба оқибатҳои ногувори молиявӣ оварда мерасонад.

Табиист, ки сохтори соҳавии таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии кишвар тақрибан сохтори соҳавии иқтисодиёти кишварҳоро бозгӯ менамояд. Бинобар ин, бо дарназардошти сохтор ва ҳолатҳои фарқкунандаи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон, ягон меъёри ягонаи қабулшудаи ҷаҳонӣ вобаста ба қарзҳои истеъмолӣ айни ҳол вуҷуд надорад. Новобаста аз ин, бояд қайд намуд, ки дар бисёре аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон лимитҳо ва ё худ меъёрҳои хавфи таҷаммуъ вобаста ба ҳолати иқтисодӣ, устувории молиявӣ-иқтисодии кишвар ва дараҷаи хавфпазирии танзимгари соҳа (маъмулан бонкҳои марказӣ) ҳудудҳо ва ё худ лимитҳои хавфи таҷаммуъро дар соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда, бо ин роҳ сиёсатҳои макропруденсиалии худро ҷиҳати нигоҳдошти суботи молиявӣ пеш мебаранд.

Дар аксар давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Америкаи Шимолӣ меъёрҳо ва ё худ ҳадди ниҳоии қарзҳо вобаста ба даромад ва ё нишондиҳандаи сарборӣ (гаронии) қарз муқаррар шудаанд, ки шояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имконияти ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо фаро расида бошад. Аз ҷумла, дар Федератсияи Русия аллакай чунин меъёрҳои макропруденсиалӣ ҷорӣ буда, дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар раванди амалишавӣ қарор дорад.

Якчанд методҳои муайян намудани сатҳ ва ё меъёри имконпазири қарзҳои истеъмолӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла мустақим ва ғайримустақим тавассути фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ:

- Тавассути гузаронидани стресс-тестҳо;
- Дар асоси нишондиҳандаҳои таърихӣ ва дар муқоиса бо давлатҳои минтақа ва ҳаммонанд;
- Дар асоси нишондиҳандаҳо ва сиёсати макроиқтисодӣ;
- Дар асоси гузаронидани таҳлилҳои эмпирикӣ-сенариявӣ;
- Инчунин, дар алоҳидагӣ дар худи ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ мондани чунин меъёрҳо мустақиман дар мувофиқа бо танзимгари соҳа.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, аз эҳтимол дур нест, ки масъалаи мазкур дар мадди назари танзимгар қарор дошта, кор дар самти муқаррар кардани меъёри муайяни ҳиссаи қарздиҳии соҳавӣ дар сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дорад.

Ҳамзамон, ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба сиёсати идоракунии хавфҳо ва афзалиятҳои ба даст овардани фоидаи молиявӣ метавонанд, ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт ва тавсияҳои муаллифон ва коршиносони соҳа ба мавриди истифода баранд.

АДАБИЁТ
1. А. Смит Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Наука. 1993. – саҳ. 572
2. Раджабов Р.К. Финансовый менеджмент. - Душанбе: ТТУ. - 1998. – саҳ. 87
3. Ҷураев Б.М. Фаъолияти бонкӣ (китоби дарсӣ), Душанбе 2014.- саҳ. 456
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021. – саҳ. 93
5. Дастурамали №255 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” 30 декабри соли 2022
6. https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php - сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

КУМИТАИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ МИНТАҚАВИИ РУШДИ ИҚТИДОР БАРОИ КИШВАРҲОИ ҚАФҚОЗ, ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА МУҒУЛИСТОНИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР АЗ ФАЪОЛИЯТИ ЯКСОЛА НАТИҶАГИРӢ НАМУД



Кумитаи ҳамоҳангсозии минтақавии рушди иқтидор барои кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистони Хазинаи Байналмилалии Асъор (IMF CCAMTAC) рӯзҳои 10-11 июни соли 2024 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ҷаласаи ҳисоботии худро барои соли молиявии навбатӣ доир намуд.

Ҷаласаи мазкур дар шакли омехта - ба таври ҳузурӣ ва ҳам ба таври маҷозӣ баргузор гардид, дар он иштирокчиён аз кишварҳои аъзо, донорҳо ва шарикони рушди CCAMTAC ширкат варзиданд.

Дар ин ҷаласа, ки бо суханони ифтитоҳии муовини директори шуъбаи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) оид ба Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ Субир Лол ва муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ шуруъ шуд, дастовардҳо дар соли гузаштаи молиявӣ, нақшаи корӣ барои соли молиявии 2025, истифодаи навовариҳо дар рушди иқтидор ва масъалаҳои муҳимми дигар баррасӣ шуданд.

Зимни ҷаласа иштирокчиён дар панелҳои алоҳида, зери роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ, директори ХБА оид ба CCAMTAC Норберт Функе, таҳлилгари иқтисодии CCAMTAC Алия Ускенбаева, муовини сардори раёсати монетарӣ ва бозори сармоя (ХБА) Вероника Бакалу, муовини сардори шуъбаи корҳои фискалӣ (ХБА) Маргарет Коттон ва дигарон оид ба дурнамои миёнамуҳлати иқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва буҷет, рушди иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа, таъсири зарбаҳо ва фишорҳои таваррумӣ, таъмини суботи иқтисодӣ ва масъалаҳои дигар андешаронӣ карданд.

Бояд гуфт, ки ХБА дар тӯли чанд даҳсола шарики наздики кишварҳои минтақа буда, ба рушди иқтисодӣ тавассути пешниҳоди машваратҳои мақсаднок, дастгирии молиявӣ, кумаки техникӣ ва омӯзиш мусоидат мекунад.

Зикр шуд, ки дар давоми соли молиявии 2024, IMF CCAMTAC ба иқтидори рушди кишварҳои аъзо бо анҷом додани 78 миссияи дуҷонибаи кӯмаки техникӣ дар Қафқоз, Осиёи Марказӣ



ва Муғулистон, 25 семинари минтақавӣ, 5 омӯзиши ҳамсол ба ҳамсол ва 14 семинар ва вебинарҳои тадқиқотӣ афзудааст. Дар соли 2024 зиёда аз 1300 нафар дар чорабиниҳои минтақавии CCAMTAC иштирок намудаанд ва ҳудуди 600 шахсони масъули давлатӣ дар семинарҳои минтақавии CCAMTAC иштирок кардаанд.

Дар зимн қайд карда шуд, ки Кумитаи ҳамоҳангсозии минтақавии рушди иқтидори ХБА ба кишварҳои узв барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии минтақа тавассути интиқоли малакаҳо ва истифодаи таҷрибаҳои беҳтарин, кӯмак ба кишварҳои минтақа дар тарҳрезӣ ва татбиқи сиёсати иқтисодии мувофиқ бо афзалиятҳои онҳо ҳамкорӣ мекунад. Ин ҳамкориҳо имкон додааст, ки кишварҳои минтақаҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон дар самти ташаккули системаҳои институтсионалӣ ва асосҳои сиёсӣ ба пешравиҳои наззарас ноил шудаанд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа пешниҳод шуд, ки барои таъмини рушди устувор ва фарогир дар оянда низ дар кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон идома додани таҳкими асосҳои институтҳои андозу буҷет, сиёсати пулию қарзӣ, махсусан, беҳтар намудани иқтидори таҳлилӣ, равандҳои қабули қарорҳо ва иртиботот, барқарорсозӣ ва афзоиши ҳаҷми бахши молиявӣ ва тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани шаффофият, мукаммал намудани пешниҳоди маълумот ва баланд бардоштани сифати идоракунӣ зарур аст.

Аслам Мӯминов

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Иқтибос аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия



Вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ бо кормандони БМТ

2 майи соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи “Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ зимни вохӯрии навбатии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони бонк баррасӣ гардиданд.

Ин чорабинӣ бо мақсади иҷро намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, амалӣ намудани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” ва “Нақшаи чорабиниҳои муқовимат ба коррупсия дар Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2024” доир шуд.

Дар мулоқот, муовини сардори раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ роҷеъ

ба масоили муҳимми марбут ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 “Дар бораи тасдиқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” суханронӣ намуд.

Ӯ ба ҳозирин дар бораи хавфҳои коррупсия, пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ, дастовардҳои муҳим дар кишвар номида, зикр намуд, ки он барои аз байн бурдани омилҳои инсонӣ дар самти мубориза бо коррупсия мусоидати бузург мекунад.

Ӯ бо назардошти “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон шудани соли 2024 баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионию ҳуқуқии шаҳрвандонро зарур шуморид.

Тоҷикистон барои иҷрои муқаррароти “Методология тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)” ба таври пайваста кор мекунад. Дар ин самт чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуда, заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми бонкӣ ва танзими муносибатҳои соҳаи бонкӣ фароҳам шудааст.



зарару оқибатҳои ногувори он, хавфҳои он дар низоми бонкӣ ва талаботи қонунгузорӣ маълумот дод. Аз ҷумла, Насрутдинзода Қиёмуддин ба ҳозирин роҳҳои пешгирӣ намудани ҳолатҳои коррупсиониро шарҳ дода, аз ҳамаи кормандони бонк хост нисбат ба ин масъала бетараф набошанд. Ӯ рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро яке аз

Дар мулоқот муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ зимни суханронии худ мубориза бо коррупсияро муҳим арзёбӣ намуда, зикр кард, ки барои пешгирии он омӯзиши ҷиддӣ, муносибати махсус ва муқобилияти дастаҷамъона зарур аст.

Дар мулоқот қайд гардид, ки Бонки миллии

Зикр шуд, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон методологияи мазкур пайваста мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор мегирад ва дар ин замина корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ барои баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ ба таври доимӣ роҳандозӣ шудааст.

А. Мӯминов



Саҳми Мавлонои Балхӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ

Рӯзҳои 5-9 июни соли 2024 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи пойтахти Фаронса Конфронси байналмилалӣ бахшида ба бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ зери унвони “Саҳми Мавлонои Балхӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ. Ҳаштсад сол бо Мавлоно” ва чорабинии бошукӯҳи фарҳангӣ ба муносибати 815-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиш ба сифати яке аз аъзои ҳайати кишвар, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сардори шуъбаи тарҷумаи Бонки миллии Тоҷикистон Ҳасани Султон иштирок ва дар мавзуи “Ҷилваи ҷамоли забони тоҷикӣ дар ашъори Мавлоно” суханронӣ кард.

Ҳасани Султон зимни суханронии худ таъкид намуд, ки “Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273) бидуни муболиға аз бузургтарин устодони забону адаби мо барои ҳамаи давру замонҳост, ки бо гузашти солҳову садсолаҳо сухани баланди тобнокаш беш аз пеш ба дидаҳо зиёву нур ва ба дилҳои аҳли завқ шодию сурур мебахшад ва барои ҳифзи шевоию асолат ва пойдорию устувории забони модарии мо барои имрӯзу фардо хидмат мекунад”.



Хулосаи суханронии ӯ дар ин ҳамоиш ин буд, ки “ҷилваи ҷамоли забони модарӣ бо ҳама шукӯҳу ҷалол ва ғояти камоли худ дар сурудаҳои дилангезу дилпазири Мавлоно ба дид мерасад, ки аслан ниёз ба далелу бурҳон ва таърифу тавсиф надорад. Забони баёни ашъори Мавлоно далели равшани шевоию асолат ва қудрату азамати забони модарии мо барои ҳамаи давру замонҳост. Худи ӯ ба ин маънӣ чӣ бас неку фармудааст:

Офтоб омад далели Офтоб,
Гар далелат бояд, аз вай рӯ матоб”.

Ҳасани Султон дар ифтитоҳи ҳамоиш ҳам суханронии кӯтоҳ дошт ва раисии ҷаласаи дувуми конфаронси байналмилалӣ ба зиммаи ӯ вогузор шуда буд.

САБИКАҲОИ ЧЕНАКИИ ТИЛЛО ВА ТАНГАҲОИ ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

дар Намоишгоҳи молу маҳсулоти корхонаҳои саноатии Тоҷикистон дар маркази ЭКСПО (ш.Душанбе) дар доираи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»

















ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини талаботи нумизматӣ ва коллексионии аҳолӣ, тангаҳои хотиравӣ ва ҷашниро ба фурӯш мебарорад.

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" тасмим дорад, дар саҳифаҳои худ номгӯи тангаҳои хотиравӣ ва ҷашниро, ки дар Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон мавҷуд аст, нашр намояд. Аз ин рӯ, ба ҳаводорони нумизматика ва дӯстдорони таъриху фарҳанги миллӣ иттилоъ дода мешавад, ки барои харидорӣ намудани тангаҳои хотиравӣ ва ҷашнии Бонки миллии Тоҷикистон бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 23/2, шуъбаи хизматрасонии хазинавии Бонки миллии Тоҷикистон бо рақами телефони (+992 44) 620-05-35 муроҷиат намоянд.

Ҳамзамон, шаҳрвандон метавонанд ҷиҳати харидории тангаҳои номбурда ба шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва шаҳраки Ғарм муроҷиат намоянд.

13. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 10 - СОЛАГИИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРОСИЁ (ЕВРАЗИЯ)

Рӯи танга (аверс): дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти "ПАНҶ СОМОНӢ", дар қисмати поёнӣ калимаҳои "Бонки миллии Тоҷикистон" ва ин навиштаҷот аз тарафи чап бо ду даврача, ки дар байни онҳо навиштаҷоти "Ag 925", ифодакунандаи сифат ва намуди филиз, инчунин аз тарафи чап миёни ду даврача бо ададҳои "31,1", ифодакунандаи вазни танга, ҷудо карда шудаанд, сабт гардидааст. Дар маркази қурси давра Нишони давлатии Тоҷикистон ва зери он соли бароришӣ "2010" тасвир ёфтааст.

Паси танга (реверс): дар маркази қурс ҳайкали асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон - Исмоили Сомонӣ савори асп тасвир ёфтааст. Дар тарафи чапи ҳайкал рамзи рангаи АврОсиё (Евразия) ва дар зери он калимаи "ЕврАзЭС", дар поёни ҳайкал калимаи "ДУШАНБЕ" ва дар поён аз тарафи чап ба боло ва ба тарафи рост ду хатти ҳандасӣ, ки якдигарро бурида гузаштаанд, сабт карда шудаанд.





Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 10 - солагии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё (Евразия)

• Арзиш	5 сомонӣ
• Филиз	нуқра
• Вазни умумӣ	31,1гр.
• Қутр	38,61мм.
• Миқдор	2000 дона
● Нархи фурӯш	324,67 сомонӣ

14. ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ, КИ БА “XV-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН” БАХШИДА ШУДААНД.

Тангаҳои тиллои дорои арзиши 200, 100 ва 50 сомонӣ

Рӯи танга (аверс): дар қутри ҳалқаи берунӣ дар боло ба шакли нимдоира навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар поён “дусад сомонӣ”. Дар маркази қурс Нишони Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар поёни Нишонӣ аз тарафи чап навиштаҷоти “AU900”.



Маълумоти техникии тангаҳои хотиравӣ, ба ифтихори “XV–солагии Истиқлолияти Тоҷикистон”

• Арзиш	200	100	50
• Сифат	“proof”		
• Филиз	Тилло Au 900		
• Вазни умумӣ	25гр.	15гр.	10гр.
• Таркиби химиёвии филизи холис	22,50гр.	13,50гр.	9,00гр
• Қутр	32мм.	28мм.	24мм.
• Ғафсӣ	1,90мм.	1,90мм.	1,37мм.
• Миқдор (дона)	2000	2000	2000
● Нархи фурӯш (сомонӣ)	18058.78	10835,22	7223,56

Паси танга (реверс): дар қутри ҳалқаи берунӣ аз тарафи чап ба шакли нимдоира бо забони тоҷикӣ навиштаҷоти “Истиқлолияти Тоҷикистон” ва баъди бисёрнуқта такрори ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ.

Дар маркази қурс тасвири бинои Қасри миллат, ки дар гунбади он Парчами давлатии Тоҷикистон барафрохта шудааст. Зери парчам дар паси манзараи харитаи Тоҷикистон навиштаҷоти “XV-сол YEARS 1991 - 2006”, дар қисмати поёни бино соли сикка зада шудани он – 2006.

15. ТАНГАИ ДОРОИ АРЗИШИ 5 СОМОНӢ, КИ БА “XV–СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН” БАХШИДА ШУДААСТ.

Рӯи танга (аверс): дар қутри ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дар зери ҳалқа соли бароориш – 2006.

Дар маркази қурс, дар боло Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мобайн рақами 5, ки арзиши тангаро ифода мекунад ва дар поён навиштаҷоти “сомонӣ”, дар ду тарафи он нақшу нигори миллӣ.

Паси танга (реверс): дар қутри ҳалқаи берунӣ аз тарафи чап навиштаҷоти “Истиқлолияти Тоҷикистон”, аз тарафи рост унсурҳои нақшу нигори миллӣ. Дар доираи дохилӣ тасвири Қасри миллат, ки дар гунбади он парчами Тоҷикистон барафрохта шудааст. Дар болои парчам аз тарафи чап дар паси манзараи харитаи Тоҷикистон навиштаҷоти “XV–сол, 1991 - 2006”.



Маълумоти техникии тангаи дорои арзиши 5 сомонӣ, ки бахшида шудааст ба “XV–солагии Истиқлолияти Тоҷикистон”

• Арзиш	5 сомонӣ
• Сифат	“proof”
• Филиз	нуқра Ag 925
• Вазни умумӣ	34,00гр.
• Таркиби химиёвии филизи холис	33,3гр.
• Қутр	42мм.
• Ғафсӣ	3,50мм.
• Миқдор	2000 дона
● Нархи фурӯш	341,08 сомонӣ

Дурнамои Бонки Рушди Авруосиё.
Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишварҳои узви Бонк
(сенарияи заминавӣ)

Кишвар	ММД			Таваррум (ба ҳолати охири сол)			Қурби пули миллӣ нисбат ба доллар (меъёри миёнаи солона)		
	2024	2025	2026	2024	2025	2026	2024	2025	2026
Арманистон	7,5	4,2	4,9	1,5	2,5	2,0	396	398	399
Белорус	3,4	1,1	1,3	6,0	6,8	7,7	3,27	3,43	3,58
Қазоқистон	5,0	5,5	5,5	8,3	6,3	4,8	447	455	473
Қирғизистон	5,5	5,3	4,1	4,3	6,9	6,5	89,4	92,6	94,9
Русия	3,0	1,1	1,6	5,8	4,7	4,1	92,8	96,7	98,4
Тоҷикистон	8,0	8,2	7,8	4,1	6,0	5,8	10,9	11,1	11,4

Шарҳ: ММД, таваррум - % с/с; қурби дол. ИМА – воҳиди асъори миллӣ барои 1 дол. ИМА

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи суръати рушди иқтисодиёт дар мавқеи пешсаф қарор дорад.



Сарчашма: https://analytics.eabr.org/makroekonomicheskiy-prognoz-eabr-2024-2026-june/



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			ДОРОИҲО	
НОМГӮИ БОНКҲО	31.03.2023	31.03.2024	Тағйирот нисбати 31.03.2023	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	6 278,8	7 236,3	957,5	15,3%
ҶСК "Бонки Эсхата"	4 483,7	5 652,4	1 168,6	26,1%
ҶСК "Ориёнбонк"	5 226,5	5 611,1	384,7	7,4%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	2 017,5	2 830,7	813,2	40,3%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	1 170,6	1 904,3	733,7	62,7%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	1 468,0	1 871,4	403,4	27,5%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 392,2	1 815,1	422,9	30,4%
ҶСП Бонки "Арванд"	1 003,0	1 294,9	291,9	29,1%
ҶСК "Алиф Бонк"	1 069,3	1 275,2	206,0	19,3%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1 185,7	1 151,1	-34,7	-2,9%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	609,0	897,3	288,3	47,3%
ҶСП "Актив Бонк"	392,8	523,2	130,4	33,2%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	68,9	131,0	62,0	90,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	89,7	92,8	3,1	3,4%
ҶСК "Тавҳидбонк"	237,9	311,0	73,1	30,7%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ УҲДАДОРИҲО	
НОМГЎИ БОНКҲО	31.03.2023	31.03.2024	Тағйирот нисбати 31.03.2023	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	5 531,8	6 354,2	822,4	14,9%
ҶСК "Бонки Эсхата"	3 594,6	4 587,6	992,9	27,6%
ҶСК "Ориёнбонк"	4 046,1	4 351,5	305,3	7,5%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	1 714,8	2 397,4	682,6	39,8%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	1 210,7	1 634,4	423,7	35,0%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	887,6	1 578,1	690,5	77,8%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 210,6	1 546,7	336,1	27,8%
ҶСК "Алиф Бонк"	896,0	1 093,0	197,0	22,0%
ҶСП Бонки "Арванд"	818,4	1 067,7	249,3	30,5%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	979,7	906,0	-73,8	-7,5%
ҶСП "Актив Бонк"	292,0	420,4	128,4	44,0%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	95,3	316,2	221,0	232,0%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	29,2	88,2	59,0	202,1%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	36,5	37,0	0,5	1,5%
ҶСК "Тавҳидбонк"	120,1	181,6	61,5	51,2%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			**САРМОЯ**	
			Тағйирот нисбати 31.03.2023	
НОМГӮИ БОНКҲО	**31.03.2023**	**31.03.2024**	**номиналӣ**	**нисбӣ**
ҶСК "Ориёнбонк"	1 180,4	1 259,7	79,3	6,7%
ҶСК "Бонки Эсхата"	889,1	1 064,8	175,7	19,8%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	747,0	882,1	135,1	18,1%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	513,8	581,1	67,3	13,1%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	302,8	433,3	130,5	43,1%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	283,0	326,2	43,2	15,3%
ҶСП "Спитамен Бонк"	181,6	268,4	86,8	47,8%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	206,0	245,1	39,1	19,0%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	257,3	237,0	-20,3	-7,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	184,6	227,2	42,6	23,1%
ҶСК "Алиф Бонк"	173,2	182,2	9,0	5,2%
ҶСП "Актив Бонк"	100,8	102,9	2,1	2,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	53,3	55,8	2,5	4,7%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	39,7	42,7	3,0	7,6%
ҶСК "Тавҳидбонк"	117,8	129,4	11,6	9,9%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ	
НОМГӮИ БОНКҲО	31.03.2023	31.03.2024	Тағйирот нисбати 31.03.2023	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	3 223,7	3 550,8	327,1	10,1%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 791,4	3 133,6	342,2	12,3%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	1 523,8	2 095,1	571,3	37,5%
ҶСП "Спитамен Бонк"	747,3	1 056,8	309,6	41,4%
ҶСП Бонки "Арванд"	820,4	1 045,7	225,3	27,5%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	453,4	732,6	279,3	61,6%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	560,9	700,9	140,0	25,0%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	425,3	615,3	190,0	44,7%
ҶСК "Алиф Бонк"	440,4	565,0	124,7	28,3%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	305,2	438,1	133,0	43,6%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	66,8	117,6	50,8	76,1%
ҶСП "Актив Бонк"	0,8	65,2	64,4	7719,8%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	7,6	28,1	20,5	269,3%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	20,9	28,1	7,2	34,6%
ҶСК "Тавҳидбонк"	92,3	145,1	52,8	57,2%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			◙ БАҚИЯИ АМОНАТҲО	
НОМГЎИ БОНКҲО	31.03.2023	31.03.2024	Тағйирот нисбати 31.03.2023	
			номиналӣ	нисбӣ
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	4 726,7	5 434,5	707,8	15,0%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 311,8	2 749,9	438,2	19,0%
ҶСК "Ориёнбонк"	2 292,5	2 285,0	-7,4	-0,3%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	1 405,5	1 985,0	579,5	41,2%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	695,8	1 363,7	667,9	96,0%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	735,4	1 079,3	343,9	46,8%
ҶСК "Алиф Бонк"	675,8	896,6	220,8	32,7%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	871,9	800,1	-71,8	-8,2%
ҶСП "Спитамен Бонк"	444,1	631,7	187,6	42,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	177,3	286,0	108,7	61,3%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	34,4	245,1	210,8	613,5%
ҶСП "Актив Бонк"	256,6	224,9	-31,7	-12,4%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	26,6	32,8	6,3	23,7%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	9,7	29,3	19,5	200,5%
ҶСК "Тавҳидбонк"	96,2	118,8	22,7	23,6%



ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (МЛН. СОМОНӢ)			ФОИДА/ЗАРАР	
НОМГЎИ БОНКҲО	31.03.2023	31.03.2024	Тағйирот нисбати 31.03.2023	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Бонки Эсхата"	54,2	75,7	21,5	39,7%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	80,3	40,9	-39,4	-49,1%
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	26,4	32,4	6,0	22,5%
ҶСП "Спитамен Бонк"	4,5	14,0	9,4	207,3%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	3,9	12,6	8,7	226,4%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	8,0	10,8	2,9	36,1%
ҶСК "Ориёнбонк"	44,9	10,0	-34,9	-77,6%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	8,3	8,4	0,1	1,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	7,5	8,2	0,7	9,5%
ҶСК "Алиф Бонк"	-1,5	7,3	8,8	583,8%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	4,2	6,5	2,3	53,7%
Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	1,8	0,6	-1,2	-64,3%
ҶСП "Актив Бонк"	0,0	0,5	0,5	100,0%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	0,4	0,2	-0,2	-56,8%
ҶСК "Тавҳидбонк"	1,0	-0,1	-1,1	-112,8%



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			ДОРОИҲО	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	3/2023	3/2024	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	299 076,7	333 138,7	34 062,1	11,4%
ҶДММ "ТС Бима"	177 467,1	207 052,1	29 585,0	16,7%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	118 068,8	183 359,9	65 291,1	55,3%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	64 858,0	87 589,7	22 731,8	35,0%
КВД "Тоҷиксуғурта"	58 425,5	60 496,1	2 070,6	3,5%
ҶДМ "ТС "Муин""	15 803,5	16 385,0	581,5	3,7%
ҶДММ "ДС суғурта"	10 988,1	13 882,0	2 893,9	26,3%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	10 900,6	13 324,9	2 424,3	22,2%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	7 852,8	7 506,1	-346,7	-4,4%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	4 981,1	5 574,3	593,2	11,9%
ҶДММ "ТС Итминон"	3 535,1	4 983,8	1 448,7	41,0%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	3 078,8	3 124,0	45,2	1,5%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 110,0	4 205,5	2 095,5	99,3%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	2 012,3	2 580,4	568,1	28,2%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	5 196,3	4 795,4	-370,1	-7,1%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	1 553,6	1 553,6	-
Ҳамагӣ	**784 354,6**	**949 551,6**	**165 197,0**	**21,1%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ УҲДАДОРИҲО	
НОМГЎИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**з/2023**	**з/2024**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	158 273,6	186 275,0	28 001,4	17,7%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	100 149,7	73 938,9	-26 210,8	-26,2%
КВД "Тоҷиксуғурта"	49 639,9	49 685,6	45,7	0,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	28 052,8	32 030,4	3 977,6	14,2%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	13 544,1	26 152,8	12 608,7	93,1%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	7 567,3	10 853,0	3 285,7	43,4%
ҶДМ "ТС "Муин""	4 386,0	2 375,6	-2 010,5	-45,8%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	2 772,6	2 966,8	194,2	7,0%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2 677,1	2 315,3	-361,8	-13,5%
ҶДММ "ДС суғурта"	2 051,0	6 274,8	4 223,8	3,1 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	1 000,3	335,0	-665,3	-66,5%
ҶДММ "ТС Итминон"	912,1	1 730,9	818,8	89,8%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	447,6	3 002,4	2 585,6	6,7 мар.
ҶДММ "ТС Такаффул"	107,0	2 998,3	2 891,3	28,0 мар.
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	38,0	451,8	413,8	11,9 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	36,3	36,3	-
Ҳамагӣ	**371 619,2**	**401 422,8**	**29 803,7**	**8,0%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ САРМОЯ	
НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	з/2023	з/2024	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	198 927,0	259 199,8	60 272,8	30,3%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	104 524,7	157 207,1	52 682,4	50,4%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	36 805,2	55 559,3	18 754,1	51,0%
ҶДММ "ТС Бима"	19 193,5	20 777,1	1 583,6	8,3%
ҶДМ "ТС "Муин""	11 417,4	14 009,4	2 592,0	22,7%
ҶДММ "ДС суғурта"	8 937,1	7 607,2	-1 329,9	-14,9%
КВД "Тоҷиксуғурта"	8 785,6	10 810,5	2 024,9	23,0%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	5 175,7	5 190,8	15,1	0,3%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	4 748,7	1 793,0	-2 955,7	-62,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	3 333,3	2 471,9	-861,4	-25,8%
ҶДММ "ТС Итминон"	2 623,0	3 252,9	629,9	24,0%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	2 208,5	2 607,5	399,0	18,1%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2 078,5	2 789,0	710,5	34,2%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 003,0	1 207,2	-795,8	-39,7%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1 974,6	2 128,7	154,1	7,8%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	1 517,3	1 517,3	-
Ҳамагӣ	**412 735,8**	**548 128,8**	**135 393,0**	**32,8%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ	
НОМГЎИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**з/2023**	**з/2024**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	52 540,2	52 155,1	-385,1	-0,7%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	24 226,4	25 895,8	1 669,4	6,9%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	14 737,3	13 735,1	-1 002,3	-6,8%
КВД "Тоҷиксуғурта"	10 563,8	14 319,4	3 755,6	35,6%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	9 198,3	3 036,0	-6 162,3	-67,0%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	6 351,6	14 162,6	7 811,0	2,2 мар.
ҶДМ "ТС "Муин""	959,0	1 262,1	303,1	31,6%
ҶДММ "ДС суғурта"	734,9	3 424,0	2 689,1	4,7 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	410,6	1 601,5	1 190,9	3,9 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	384,7	181,2	-203,5	-52,9%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	47,5	286,2	238,6	6,0 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	44,2	346,6	302,4	7,8 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	36,6	0,0	-36,6	-
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	0,0	23,9	23,9	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	2 902,8	2 902,8	-
Ҳамагӣ	**120 235,2**	**133 332,3**	**13 097,0**	**10,9%**



ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (ҲАЗОР СОМОНӢ)			◙ ПАРДОХТ	
НОМГЎИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**з/2023**	**з/2024**	**Тағйирот (бо маблағ)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶДММ "ТС Бима"	1 666,6	947,4	-719,2	-43,2%
КВД "Тоҷиксуғурта"	817,3	805,7	-11,6	-1,4%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	545,0	567,5	22,5	4,1%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	250,3	131,9	-118,4	-47,3%
ҶДММ "ДС суғурта"	224,4	1 917,2	1 692,8	8,5 мар.
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	120,3	485,9	365,7	4,0 мар.
ҶДМ "ТС "Муин""	115,6	55,6	-60,0	-51,9%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	96,1	119,3	23,2	24,1%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	59,2	0,0	-59,2	-
ҶДММ "ТС Итминон"	46,3	0,4	-45,9	-99,1%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	33,3	0,4	-32,9	-98,8%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	13,1	52,5	39,4	4,0 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	0,0	63,6	63,6	-
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	0,0	15,5	15,5	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0,0	0,0	0,0	-
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	181,9	181,9	-
Ҳамагӣ	**3 987,4**	**5 344,8**	**1 357,4**	**34,0%**




ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 (АДАД)			◙ ШАРТНОМАҲО	
НОМГЎИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	**з/2023**	**з/2024**	**Тағйирот (бо адад)**	**Тағйирот (бо фоиз)**
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	249 254	261 944	12 690,0	5,1%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	144 673	132 872	-11 801,0	-8,2%
КВД "Тоҷиксуғурта"	113 992	81 871	-32 121,0	-28,2%
ҶДМ "ТС "Муин""	9 469	2 499	-6 970,0	-73,6%
ҶДММ "ТС Бима"	8 130	6 371	-1 759,0	-21,6%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	3 842	4 957	1 115,0	29,0%
ҶДММ "ДС суғурта"	391	542	151,0	38,6%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	263	511	248,0	94,3%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	61	184	123,0	3,0 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	49	44	-5,0	-10,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	35	201	166,0	5,7 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2	0	-2,0	-
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2	51	49,0	25,5 мар.
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	0	14	14,0	-
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	0	0	0,0	-
ҶДММ "ТС Такаффул"	0	17	17,0	-
Ҳамагӣ	**530 163**	**492 078**	**-38 085**	**-7,2%**

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ВОСИТАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ, ПОСДОРИИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ТАҲКИМИ ПОЙДОРӢ ВА ДАРКИ МОҲИЯТИ ДЕМОКРАТӢ, ҲУҚУҚБУНЁДӢ, ДУНЯВӢ ВА ЯГОНАГИИ ТОҶИКИСТОН, ЭҲТИРОМ БА АНЪАНА ВА АРЗИШҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ КУҲАНБУНЁДИ ТОҶИК МЕБОШАД.

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

2024





БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

“БОНКДОРӢ ТАРАҚҚИЁТ ҶАҲОНИШАВӢ“